**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# ФАРМОИШ - РАСПОРЯЖЕНИЕ

таърих 09.04.15 г.Душанбе № 204

Бо мақсади татбиқи Стратегияи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибии бахши давлатии Тоҷикистон барои солҳои 2011 - 2018 ва бо дарназардошти қабули Стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ), мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.04. 2015, № 187 «Дар бораи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

**фармоиш медиҳам:**

1. Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ, Дастурамал оид ба тартиби таҳияи ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ мувофиқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда шаванд.
2. Ташкилотҳои буҷетӣ, хазинадории марказӣ ва мақомоти маҳаллии молия ҳангоми таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ дастурамалҳои тибқи банди 1 фармоиши мазкур тасдиқгардидаро мавриди истифода қарор диҳанд.
3. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.10. 2006, № 84 беэътибор дониста шавад.
4. Назорати таъмини иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Шерматов Ҷ. Н. вогузор карда шавад.

Вазир

А. Қурбониён

Замимаи 1
бо фармоиши Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 апрели соли 2015, № 204
тасдиқ шудааст

# *Дастурамал*
# *оид ба тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ*

| № | Мундарича | Саҳифа |
|---|---|---|
| 1. | **Муқаррароти умумӣ** | 4 |
| 2. | **Мафҳумҳои асосии дар дастурамали зерин истифодашаванда** | 9 |
| 3. | **Сохтори маҷмуикунонии (консолидатсияи) ҳисоботи молиявӣ** | 10 |
| 4. | **Методологияи тартиб додани ҳисобот** | 11 |
| 5. | **Шакли №1 –Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ** | 12 |
| | *Шакли №1/1 – Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ* | 13 |
| | *Шакли №1/2 –Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ* | 14 |
| | *Шакли №1/3 –Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат* | 14 |
| | *Шакли №1/4 –Маълумот оид ба гардиши захираҳои моддӣ* | 15 |
| | *Шакли №1/5 –Маълумот оид ба камомад ва дуздии воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ* | 15 |
| | *Шакли №1/6 – Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)* | 16 |
| | *Шакли №1/7 – Варақаи бақиявӣ* | 16 |
| | *Шакли №1/8 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ* | 16 |
| 6. | **Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ** | 17 |
| | *Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ баҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ* | 18 |
| 7. | **Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф** | 18 |
| | *Шакли №3/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ баҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф* | 23 |
| 8. | **Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ** | 23 |
| | *Шакли №4/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ* | 36 |
| 9. | **Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот** | 36 |
| 10. | **Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ** | 44 |
| 11. | **Муқаррароти умумӣ** | 45 |
| 12. | **Мафҳумҳои асосии дар Дастурамали мазкур истифодашаванда** | 48 |
| 13. | **Давраҳои маҷмуикунонии ҳисоботи молиявӣ** | 50 |
| 14. | **Хориҷ кардани (ихтисор кардани) амалиётҳои дохилӣ** | 51 |
| 15. | **Методологияи тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда)** | 55 |
| 16. | **Муқаррароти давраи гузариш** | 62 |

*Замимаи 1 Шакли №1 - «Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ»*

*Замимаи 2 Шакли №1/1 – «Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ»*

*Замимаи 3 Шакли №1/2 – «Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ»*

*Замимаи 4 Шакли №1/3 – «Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат»*

*Замимаи 5 Шакли №1/4 – «Маълумот оид ба гардиши захираҳои моддӣ»*

*Замимаи 6 Шакли №1/5 – «Маълумот оид ба камомад ва дуздии воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ»*

*Замимаи 7 Шакли №1/6 – «Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)»*

*Замимаи 8 Шакли №1/7 – «Варақаи бақиявӣ»*

*Замимаи 9 Шакли №2 - «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ»*

*Замимаи 10 Шакли №3 - «Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф»*

*Замимаи 11 Шакли №4 - «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ»*

*Замимаи 12 Шакли №5 -«Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот»*

**Муқаррароти умумӣ**

Ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта таъсис дода, фаъолияти онро пурра ё қисман дар асоси сметаи даромаду хароҷот аз буҷети дахлдор маблаггузорӣ менамоянд (минбаъд ташкилоти буҷетӣ), инчунин бо мақсадҳои оинномавии худ даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ мегирад ва дар сохтори таркибиаш хизматрасонии муҳосибӣ (муҳосибот) дорад, ҳисоботҳои молиявии солона, семоҳа ва моҳонаи (минбаъд - ҳисоботи молиявӣ) худро аз рӯи шаклҳои дар замимаҳои Дастурамали мазкур овардашуда тартиб медиҳанд.

Ҳисоботи молиявии солона аз тарафи ташкилотҳо ба ҳолати 1 январи соли баъди соли ҳисоботӣ ва фосилавӣ - семоҳа ба 1 апрел, нимсола ба 1 июл ва нуҳмоҳа ба 1 октябри соли ҷорӣ, баъди моҳи ҳисоботӣ ҳам дар ҳомилҳои қогазӣ ва ҳам дар ҳомилҳои электронии иттилоот пешниҳод карда мешавад.

Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот, ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Ташкилотҳои буҷетӣ ҳисоботҳои молиявиро бо усули афзоиши аз аввали сол бо арзи миллӣ тартиб дода, ба тақсимкунандаҳои маблағҳои буҷетӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пешниҳод менамоянд. Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагон) маблағҳои буҷети давлатӣ дар асоси ҳисоботҳои молиявии пешниҳодшуда, ҳисоботи молиявии маҷмӯиро бо арзи миллӣ барои пешниҳод намудан ба мақомоти сатҳи зарурии масъули иҷроиши буҷет (тақсимкунандагони асосӣ), дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи онҳо тартиб медиҳанд.

Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳисоботи молиявии маҷмӯиро ба Сарраёсати хазинадории марказӣ ва дигар зерсохторҳои дахлдори тобеъи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

Мӯҳлатҳои пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ҷамъбастии фосилавӣ ва солонаи иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар гирандагони маблағҳои буҷети ҷумҳуриявиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи руйхат муайян менамояд.

Ташкилотҳои буҷетие, ки маблағҳои буҷетиро бо арзи миллӣ мегиранд, ҳисоботҳои молиявиро моҳона тартиб дода, ба тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ пешниҳод менамоянд. Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявии зерсохторро ҷамъбаст намуда ба Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молия пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати аз ҷониби тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани ҳисоботҳои молиявӣ оиди иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот, мақомоте, ки барои иҷроиши буҷет масъуланд (Сарраёсати хазинадории марказӣ), метавонанд бо огоҳонидани роҳбарони сохторҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, маблаггузории онҳоро боздоранд.

Ба таркиби ҳисоботи молиявии солона ва ҳисобот оид ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти ташкилотҳои буҷетӣ шаклҳои зерини ҳисобот дохил карда мешаванд (мувофиқи Диаграммаи 2 дар сахифаи 11):

**Шакли №1 – Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ**

*Шакли №1/1 - Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ*

*Шакли №1/2 - Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ*

*Шакли №1/3 –Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат*

*Шакли №1/4 - Маълумот оид ба гардиши захираҳои моддӣ*

*Шакли №1/5 - Маълумот оид ба камомад ва дуздии воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ*

*Шакли №1/6 – Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)*

*Шакли №1/7 – Варақаи бақиявӣ*

*Шакли №1/8 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ*

**Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ**

*Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ*

**Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф**

*Шакли №3/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф*

**Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ**

*Шакли №4/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ*

**Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот**

**Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо**

Ба таркиби ҳисоботи молиявии фосилавии ташкилотҳои буҷетӣ шаклҳои зерин дохил карда мешаванд:

**Шакли №1 – Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ**

*Шакли №1/1 - Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ*

*Шакли №1/7 – Варақаи бақиявӣ*

*Шакли №1/8 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ*

**Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ**

*Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ*

**Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот**

**Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо**

Шакл ва тартиби таҳия, мӯҳлат ва даврияти пешниҳоди шакли №6 "Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо" аз ҷониби сохтори таркибии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули соҳа муайян карда мешавад.

Ба таркиби ҳисоботи молиявии солонаи ташкилотҳои буҷетӣ навиштаҷоти тавзеҳотӣ оиди иҷроиши сметаи даромаду хароҷот, дохил карда мешавад.

Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ омилҳои асосии ба иҷроиши сметаи даромаду хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ таъсир расонидашуда, маблағҳои буҷетии

истифодабурданашуда, маълумот дар бораи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ, ҳолати моддаҳои ҳисоббаробаркунии тавозун (бо шарҳи қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ бо нишон додани санаи пайдоиш ва сабабҳои ба вуҷуд омадан) оварда мешаванд.

Ҳисоботи муҳосибии солона бо саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шуда, бо мундариҷа дар намуди дӯхташуда, расман пешниҳод карда мешавад.

Шакли №5 – Ҳисобот оид ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот ҳар моҳ пешниҳод карда мешавад.

Ташкилотҳои буҷетие, ки маблағгузориашон аз як сатҳи буҷет ба дигар сатҳи буҷет ё аз як тобеъият ба тобеъияти дигар дода шудаанд, ҳисоботи молиявии худро ба санаи додашуда дар ҳаҷми ҳисоботи молиявии солона тартиб дода, ба тақсимкунандаи маблағҳои буҷетии ҳам собиқ ва ҳам нав, инчунин ба мақомоти ба иҷроиши ин буҷетҳо масъул пешниҳод менамоянд. Дар ин ҳолат ба ҳисобот санадҳои қабул ва супоридани моликият ва ӯҳдадориҳо, маълумотнома оиди маҳкамкунии ҳисобҳо дар мақомоти хазинадорӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, маълумотнома аз мақомоти андоз оиди аз қайд баровардан бояд замима шаванд. Маблағҷудокуниҳои буҷетӣ, меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ҳаҷми маблағгузории хароҷот, хароҷоти хазинавӣ ва ҳақиқии аз рӯи ташкилотҳои додашуда аз рӯи тобеъияти нав пурра аз аввали сол инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми барҳамдиҳии ташкилоти буҷетӣ, ҳисоботи молиявӣ ба санаи барҳамдиҳӣ дар ҳаҷми шаклҳои ҳисоботи солона тартиб дода шуда, ба тақсимкунандаи асосии (тақсимкунандаи) маблағҳои буҷетӣ ва ба Сарраёсати хазинадории марказӣ ё ба зерсохторҳои дахлдори тобеъи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мансубият – ҳангоми барҳамдиҳии тақсимкунандаи асосӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми азнавташкилкунии (муттаҳидкунӣ, якҷоякунӣ, тақсимкунӣ, ҷудокунӣ, дигаргункунӣ) ташкилоти буҷетӣ ба санаи ҳисоботии охирон тавозуни ҷудокуниро дар ҳаҷми шаклҳои ҳисоботи молиявии солона, санади додани моликият ва ӯҳдадорӣ, инчунин ҳисоботи молиявӣ оиди иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот дар ҳаҷми шакли ҳисоботи молиявии солона мувофиқи Дастурамали мазкур аз рӯи натиҷаҳои азнавташкилкунӣ тартиб дода, ба тақсимкунандаи асосии маблағҳо ҳам аз рӯи тобеъияти собиқ ва ҳам аз рӯи тобеъияти нав, инчунин ба мақомоти барои иҷроиши буҷетҳои мазкур масъул пешниҳод менамоянд. Маблағҷудокуниҳои буҷетӣ, меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ҳаҷми маблағгузории хароҷот, хароҷоти хазинавӣ ва ҳақиқии аз рӯи ташкилотҳои буҷетӣ додашуда аз рӯи тобеъияти нав пурра дар санаи аз нав ташкилкунии ташкилоти буҷетӣ инъикос карда мешаванд.

Ҳисоботи молиявии ташкилотҳои буҷетӣ дар асоси қайдҳои муҳосибӣ, баҳисобгирии аввалаи бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда асосноккардашуда тартиб дода мешавад. То тартибдиҳии Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ муқоисакунии гардишҳо ва бақияҳо аз рӯи ҳисобҳои таҳлили (аналитикӣ) бо гардишҳо ва бақияҳо аз рӯи ҳисобҳои асосӣ (синтетикӣ), таҳқиқи ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторон ва кредиторон ва дигар ӯҳдадориҳо гузаронида мешавад.

Моддаҳои ҳисоботи солона (Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ) бояд бо маълумотҳои баруйхатгирии мувофиқи Дастурамали методӣ оиди гузаронидани баруйхатгирии моликият ва ӯҳдадориҳои молиявии бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 1997, №45 тасдиқ гардида гузаронида шудааст, тасдиқ карда шаванд. Дар натиҷаи гузаронидани баруйхатгирӣ фарқиятҳои байни бақияҳои ҳақиқӣ ва бақияҳо аз рӯи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии сарватҳои моддӣ бавуҷудомада мувофиқи тартиби дар Сиёсати баҳисобгирӣ муайяншуда, ба танзим дароварда мешаванд.

Маҳкамкунии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оиди сметаи даромаду хароҷоти ташкилоти буҷетӣ дар охири сол бо тартиби зерин амали гардонида мешавад:

- ба дебети ҳисобҳои иловагии (зерҳисобҳои) 2 11 971 “Даромадҳои давраҳои оянда (ӯҳдадорӣ дар назди буҷети ҷумҳуриявӣ)”, 2 11 972 “Даромадҳои давраҳои оянда (ӯҳдадорӣ дар назди буҷети маҳаллӣ)” ва аз рӯи кредити ҳисобҳои иловагии 4 18 310 “Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ” доир ба эътирофи даромад ва кам кардани ӯҳдадорӣ ба ҷамъи маблагҳои азхудкардашуда, дар доираи молиягузории гирифташуда гузарониш тартиб дода мешавад;

- инчунин дар кредити ҳисоби иловагии 4 18 310 “Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ” дохилшавиҳо аз сарчашмаҳои иловагии молиягузорӣ эътироф карда мешавад;

- дар кредити ҳисоби иловагии 3 10 130 “Маблагҳои махсуси ҷудокардашуда ба сохтмони асосӣ” маблагҳои аз буҷет барои сохтмони асосӣ ҷудокардашуда инъикос карда мешаванд. Хароҷот аз рӯи объектҳои сохтмонии ба итмомнарасида ва таҷдид дар ҳисоби иловагии 1 46 000 “Сохтмони нотамом” боқӣ мемонанд.

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблагҳои буҷетӣ аз рӯи амалиётҳои гирифтани молиягузорӣ аз хазинадорӣ, ба дебети ҳисоби иловагии 1 11 253 “ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблагҳои буҷетии БҶ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ” ё ки дебети ҳисоби иловагии 1 11 254 “ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблагҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ” ва кредити ҳисоби иловагии 2 11 950 “Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ” навиштаҷот тартиб медиҳанд.

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблагҳои буҷетӣ ҳангоми гузаронидани маблагҳои ташкилоти дар тобеи худ қарор дошта дар дебети ҳисоби 2 11 950 “Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ” ва кредити ҳисоби 1 11 253 “ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблагҳои буҷетии БҶ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ” ва ё кредити ҳисоби иловагии 1 11 254 “ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблагҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ” навиштаҷот тартиб медиҳанд.

Хароҷот аз рӯи объектҳои ба охир нарасида ва ба истифода доданашуда, ки дар ҳисоби иловагии 1 46 000 “Сохтмони нотамом” қайд карда шудаанд, баъди анҷом ёфтан ба ҳисоби 1 41 000 “Воситаҳои асосӣ” гузаронида мешаванд. Объектҳои сохтмонии ба охир нарасида дар ҳисоби иловагии тавозунии 1 46 000 “Сохтмони нотамом” боқӣ мемонанд. Дар қисми сармояи

Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ маблаги сохтмонҳои ба охир нарасида ва ба воситаҳои асосӣ гузаранда, аз кредити ҳисоби иловагии 3 10 130 "Маблагҳои махсуси ҷудокардашуда ба сохтмони асосӣ" ба кредит ҳисоби иловагии 3 10 110 "Маблагҳои махсуси ҷудокардашуда ба фондҳои асосӣ" мегузарад.

Барои даромадҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифташуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар дебети ҳисоби иловагии 5 22 540 "Пардохтҳо ба буҷет аз даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ" ва кредити ҳисоби иловагии 2 11 690 "Дигар андозҳо барои пардохт" андозҳо ҳисоб карда мешаванд.

Маҳкам намудани ҳисобҳои хоҷагии ёрирасони кишоварзӣ (таълимӣ), ки аз рӯи сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои ташкилотҳо ба нақша гирифта шудааст, баҳисобгирии хароҷотҳо ва фурӯши маҳсулот ва маснуотҳо дар ҳисобҳои иловагии 1 31 230 "Маҳсулоти тайёр" ва 5 12 180 "Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда, кору хизматрасониҳо" ба амал бароварда мешавад.

Баъди ба охир расидани давраи ҳисоботӣ натиҷаҳои молиявӣ (фоида ё зарар) аз фурӯши маҳсулот, иҷроиши корҳо, расонидани хизматҳо ва дигар амалиётҳо муайян карда мешавад – зиёдшавии даромадҳо аз хароҷотҳо ё ки хароҷотҳо аз даромадҳо. Ҳамаи ҳисобҳои хароҷотҳо (5 ** ***) ба кредит пӯшида мешаванд ва ба дебети ҳисоби иловагии 6 10 000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо" гузаронида мешаванд. Ҳамаи ҳисобҳои даромадҳо (4 ** ***) ба дебет маҳкам карда мешаванд ва ба кредити ҳисоби иловагии 6 10 000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо" гузаронида мешаванд. Фарқияти байни дебет ва кредити ҳисоби иловагии 6 10 000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо" дар дебети (дар ҳолати зарар) ё ки дар кредити (дар ҳолати фоида) ҳисоби иловагии 3 60 100 "Фоидаи (зарари) тақсимнашудаи давраи ҳисоботӣ" инъикос карда мешавад.

**Тартиби таҳияи ҳисоботҳои молиявии маҷмӯии солона ва фосилавӣ**

Ҳисоботи молиявии маҷмӯии солона ва фосилавиро тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблагҳои буҷетӣ дар асоси ба онҳо пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии солона ва фосилавии ташкилотҳои буҷетии дар тобеъияти онҳо қарордошта, инчунин ҳисоботи молиявии солона ва фосилавӣ аз рӯи сметаи даромад ва хароҷот мутобиқи шаклҳои дар Дастурамали мазкур овардашуда, таҳия менамоянд. Ҳамзамон Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ва оид ба натиҷаҳои молиявии маҷмӯӣ (шакли 1 ва шакли 2) аз рӯи тақсимкунандаи асосии (тақсимкунандаи) маблагҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад; ҳисоботҳо дар бораи иҷроиши сметаи даромадҳо ва хароҷотҳо аз рӯи маблагҳои буҷетӣ (шакли 5) дар доираи маблагҳои буҷетии гирифташуда аз рӯи гирандагони бевосита, қисмҳо ва зерқисмҳои таснифоти функсионалии хароҷотҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, таснифоти моддаҳои мақсаднок ва намудҳои хароҷоти буҷет тартиб дода мешаванд. Муфассалтар услуби таҳия намудани ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ дар Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ нишон дода шудааст.

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблагҳои буҷетӣ ҳисоботҳои молиявии солона ва тавозунҳои ташкилотҳои буҷетии дар тобеъияти худ қарордоштаро баррасӣ ва тасдиқ менамоянд.

## 2. Мафҳумҳои асосии дар дастурамали мазкур истифодашаванда

**Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ)** - мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки маблағҳои буҷети давлатиро ихтиёрдорӣ карда, онҳоро дар байни сохторҳои тобеи худ тақсим мекунад. Тақсимкунандаи асосӣ ҳамчунин ташкилоти муҳими буҷетии соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ шуда метавонад;

**Тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ (ТМБ)** - мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё ташкилоти буҷетӣ, ки маблағҳои буҷетиро аз тақсимкунандаи асосӣ мегирад ва ҳуқуқи тақсим ва назорати истифодаи маблағҳои буҷетиро ба ташкилотҳои тобеи худ, ки маблағҳои буҷетиро мегиранд, дорад.

**Гирандаи маблағҳои буҷетӣ (ГМБ)** - ташкилоти буҷетӣ, ки дар тобеияти тақсимкунандаи асосӣ ва тақсимкунандаи воситаҳои буҷетӣ қарор гирифта, ҳуқуқи аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузорӣ шуданро дорад.

**Хазинадорӣ** – фаъолияти молиявии давлатӣ, ки мутобиқатии идоракунии захираҳои иқтисодии умумидавлатӣ, ташкили назорат аз болои даромадҳо ва хароҷотҳо, ҷамъ намудан ва истифодабарии маблагҳо, идоракунии иҷроиши буҷети давлатӣ ва қарзҳои давлатӣ, барориши қогазҳои қиматноки давлатиро ба амал мебарорад.

**Хориҷ кардан (ихтисор кардан)** - дар раванди таҳлил ва ҳисобукитоб аз баррасӣ хориҷ кардани (ихтисор кардани) нишондиҳандаҳоеро мефаҳмонад, ки бараъло бо раванди омӯзиш, таҳлил ё ки назорат вобаста намебошанд.

**Варақаи бақиявӣ** – яке аз ҳуҷҷатҳои асосии муҳосибӣ, ки дорои бақия дар аввал ва охири давраи мазкур барои ҳар як ҳисоб ё ҳисоби иловагӣ мебошад.

**Амалиётҳои дохилиидоравӣ** (АДИ) – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом додашаванда, ки ташкилотҳои тобеи (зеридоравии) як ва ҳамон мақомоти идоракунӣ (ТМБ, ТАМБ) ба ҳисоб мераванд.

**Амалиётҳои байниидоравӣ (АБИ)** – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом додашаванда, ки ташкилотҳои тобеи мақомотҳои идоракунии гуногун (ТМБ, ТАМБ) ба ҳисоб мераванд.

**Амалиётҳои байнибуҷетӣ (АББ)** – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом дода шаванда, ки ташкилотҳои тобеи мақомотҳои идоракунии гуногун (ҳокимияти давлатии ҶТ ва мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ) ба ҳисоб мераванд ва аз буҷетҳои гуногун молиягузорӣ карда мешаванда (маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ – ГМБ, ТМБ, ТАМБ).

**Буҷети ҷумҳуриявӣ (БҶ)** – сатҳи маблаггузории буҷет.

**Буҷети маҳаллӣ (БМ)** – сатҳи маблаггузории буҷет.

**Ҳисоби ягонаи хазинадорӣ (ҲЯХ)** – ҳисобе, ки тавассути он ташкилотҳои буҷетӣ маблаггузорӣ мегарданд.

**Нақшаи ягонаи ҳисобҳо (НЯҲ)** – ҳисобҳое, ки бо воситаи онҳо иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ нишон дода мешавад.

**Ҳисоботи молиявӣ** – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад.

**Дороиҳои соф (ё сармояи худӣ) -** ҳиссаи дороиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки пас аз тарҳ кардани маблағи ҳамаи ӯҳдадориҳо боқӣ мондааст.

## 3. Сохтори маҷмуикунонии (консолидатсияи) ҳисоботи молиявӣ

Сохтори маҷмуикунонии (консолидатсияи) ҳисоботи молиявӣ, чуноне ки дар Диаграммаи 1 оварда шудааст, аз 5 сатҳ иборат аст:

Диаграммаи 1




Ду номгӯи шакли ҳисоботи молиявӣ мутобиқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) бояд аз сатҳи 5 то 1 тартиб дода шаванд:

1. «Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ». Шакли Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар Замимаи №1 оварда шудааст;
2. «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ». Шакли Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ дар Замимаи №2 оварда шудааст.

Минбаъд ҳисоботҳои мазкур бояд барои таҳияи ҳисоботҳои зерин, ки бояд аз сатҳи 3 то 1 тартиб дода шаванд истифода бурда шавад,:

1. «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ»;
2. «Ҳисобот оид ба тағйирёбиҳои дороиҳои соф» барои ҳар як сатҳи маҷмуикунонӣ.

Ҳисоботҳои молиявии солона бояд тибқи талаботи СҲМБДТ-1, СҲМБДТ-2 ва СҲМБДТ-3, ки бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2014, № 40 тасдиқ шудаанд, тартиб дода шаванд. Талаботҳо ба ҳисоботи молиявӣ ва сохтори он ба стандартҳои зерини ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲБМДТ) тааллуқ доранд:

Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ (СҲМБДТ 1)
Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (СҲМБДТ 1)
Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф (СҲМБДТ 1)
Ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ (СҲМБДТ 2)
Тавзеҳот ба ҳисоботҳои молиявӣ (СҲМБДТ 3)

Мутобиқи талаботҳои дастурамали мазкур, ТАМБ ва ТМБ маълумоти тавзеҳотии пурраро, чуноне ки СҲМБДТ 3 талаб менамояд, набояд омода кунанд. ТАМБ ва ТМБ тафсири муқаррарии ин тавзеҳотро, ки ба таҳлили ҳисоботҳои молиявӣ нигаронида шудааст, бояд тартиб диҳанд. Тавзеҳот, тибқи СҲМБДТ, дар сатҳи ҳисобот 2 ва 1 барои ҳисоботҳои молиявии ҷамъбастӣ ва маҷмуӣ тартиб дода мешавад. Сатҳи тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар Диаграммаи 2 оварда шудааст.

Диаграммаи 2

| Сатҳи ҳисобот | Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ | Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ | Ҳисобот дар бораи сармоя | Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ | Тавзеҳоти дохилӣ | СҲМБДТ Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1. БҲМ | √ | √ | √ | √ | - | √ |
| 2. Ҷумҳуриявӣ /Маҳаллӣ | √ | √ | √ | √ | - | √ |
| 3. ТАМБ | √ | √ | √ | √ | √ | - |
| 4. ТМБ | √ | √ | - | - | √ | - |
| 5. ГМБ | √ | √ | - | - | - | - |

## 4. Методологияи тартиб додани ҳисобот

Дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ, ташкилоти буҷетӣ бояд Нақшаи ягонаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ (минбаъд - НЯҲ), ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, истифода барад. Ҳангоми тартиб додани Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, моддаҳои НЯҲ аз рӯи сатрҳои дахлдори Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ бояд ҷамъ карда шаванд. Дар ҷадвали дар поён овардашуда, дар сутуни «Ҳисобҳои НЯҲ» кадом моддаи НЯҲ маҳз бояд ба кадом рамзи мушаххаси Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ бояд ҷамъ карда шаванд, нишон дода мешавад. Ҳамзамон ҳисоб кардан зарур аст, ки сохтори НЯҲ аз шаш рақам иборат буда се сатҳ дорад, ки дар он– сатҳи 1 ин рақами якум – номи қисм (1.*), сатҳи дуюм ин рақамҳои дуюм ва сеюм – рақами ҳисобҳои синтетикӣ (1.11.*) ва сатҳи сеюм ин рақамҳои чорум, панҷум ва шашум –

рақами ҳисобҳои таҳлилӣ (1.11.100) мебошад. Дар асоси ин, рамзи * маънои ҳамаи рақамҳоро дорад, новобаста аз сатҳ ва миқдор.

Масалан, ба Рамзи сатри 1 бояд сатҳи 1 ҷамъ карда шаванд, яъне 1., ҳамчунин сатҳи 2, яъне 11 ва ситорача маънои онро дорад, ки бояд ҳамаи ҳисобҳо аз 000 то 999 рақамгузорӣ карда шаванд.

Инчунин, ҳамчун мисол рамзи сатри 3-ро дида баромадан мумкин аст, ки дар он ҷо ҳисоби 1.55. бо баҳисобгирии хусусияти гузоштани ситорача, бояд ба сатҳи 1 ҷамъ карда шаванд, яъне 1., инчунин сатҳи 2, яъне 55 ва ситорача баъд аз рақами 4 маънои онро дорад, ки ҳамаи ҳисобҳо аз 400 то 499 бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

## 5. Шакли №1 –Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ

| Дар охири сол | Рамзи сатр | 201x | 201x | Ҳисобҳои НЯҲ |
|---|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | | |
| ***Дороиҳои кӯтоҳмуддат*** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо | 1 | x | x | 1.11.*+1.21.* |
| Қарздории дебиторӣ | 2 | x | x | 1.13.1*+1.14.*-1.16.*+1.23.*+1.24.*-1.26.* |
| Захираҳо | 3 | x | x | 1.31.* |
| Пешпардохтҳои додашуда | 4 | x | x | 1.15.*+1.25.* |
| Дигар дороиҳои кӯтоҳмуддат | 5 | x | x | 1.12.*+1.22.* |
| | | **xxx** | **xxx** | |
| | | | | |
| ***Дороиҳои дарозмуддат*** | | | | |
| Қарздории дебиторӣ | 6 | x | x | 1.63.*-1.64.*+1.71.1*+1.71.2*+1.73.*-1.74.* |
| Сармоя дар ташкилоти ассосиатсияшуда | 7 | x | x | 1.71.32*+1.71.33* |
| Дигар дороиҳои молиявӣ | 8 | x | x | 1.61.*+1.62.*+1.71.31*+1.71.39*+1.71.4* +1.71.5*+1.71.6*+1.72.*+1.80.* |
| Инфрасохтор, воситаҳои асосӣ | 9 | x | x | 1.41.2*+1.41.3*+1.41.4*-1.42.2*-1.42.3*-1.42.4*-1.42.5*+1.43.2*+1.43.3*+1.43.4*+1.46.2* +1.46.3*-1.55.120-1.55.13*-1.55.140-1.55.320-1.55.33*-1.55.340 +1.44.2*-1.45.2*+1.47.*-1.48.*-1.55.4* |
| Бино ва Замин | 10 | x | x | 1.41.1*++1.41.5*-1.42.1*-1.42.5*+1.43.1*+1.46.1*+1.51.100+1.51.200-1.52.100-1.52.200-1.55.11*-1.55.150-1.55.31*-1.55.340-1.55.610-1.55.620-1.55.630+1.44.1*-1.45.1*+1.44.300-1.55.2* |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 11 | x | x | 1.49.*+1.51.4*-1.50.000-1.55.5*-1.55.64*-1.55.690 |
| Дигар дороиҳои ғайримолиявӣ | 12 | x | x | 1.51.3*+1.51.5*+1.54.* |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **xxx** | **xxx** | |
| | | | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **xxx** | **xxx** | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | | |
| **Ӯҳдадориҳои кутоҳмуддат** | | | | |
| Қарзи кредиторӣ | 13 | x | x | 2.11.1*+2.11.5*+2.11.6*+2.11.9*+2.12.1* +2.12.5*+2.12.9*+2.13.9*+2.23.*+2.24.* |
| Қарзгирии кӯтоҳмуддат | 14 | x | x | 2.11.2*+2.11.3*+2.11.4* |
| Қисми ҷории ӯҳдадориҳои қарзии дарозмуддат | 15 | x | x | 2.11.920+2.12.240+2.12.920 |
| Захираҳои кӯтоҳмуддат | 16 | x | x | 2.11.7* |
| Подоши кормандон | 17 | x | x | 2 11 510 |
| Нафақа аз рӯи соли хизмат | 18 | x | x | |
| | | **xxx** | **xxx** | |
| **Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | x | x | |
| Қарзи кредиторӣ | 19 | x | x | 2.21.400+2.21.8*+2.21.9*+2.22.8*+2.22.9 * |
| Қарзгирии дарозмуддат | 20 | x | x | 2.21.1*+2.21.2*+2.21.3*+2.21.6*+2.21.7* +2.22.100+2.22.2*+2.22.3*+2.22.4*+2.22. 5*+2.22.6*+2.22.7* |
| Захираҳои дарозмуддат | 21 | x | x | 2 21 500 |
| Подоши кормандон | 22 | X | X | |
| Нафақа аз рӯи соли хизмат | 23 | | | |
| | | x | x | |
| | | **xxx** | **xxx** | |
| | | | | |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | **xxx** | **xxx** | |
| **Дороиҳои соф / сармоя** | | | | |
| Сармояи аз ҷониби дигар субъектҳои ҷамъиятӣ гузошташуда | 24 | x | x | 3.10.1*+3.10.2*+3.10.3* |
| Захираҳо | 25 | x | x | 3.2*+3.3*+3.4*+3.5* |
| Фоидаҳо/зарарҳои ҷамъшуда | 26 | x | x | 3.6* |
| ҳиссаи ақаллият | 27 | x | x | 3.70.* |
| **Ҳамагӣ дороиҳои соф/сармоя** | | **xxx** | **xxx** | |

## Шакли №1/1 – Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ

Дар шакли №1/1 «Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ» (Замимаи 2) маълумоти муфассал оид ба бақияи қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ ба ҳолати охири давраи ҳисоботӣ нишон дода шудааст. Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ дар ҳисобҳои иловагии (зерҳисобҳои) 1.13. ***, 1.14. ***, 1.15 ***, аз ҷумла аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ нишон дода шудааст.

Маълумот оид ба қарздории кредиторӣ дар ҳисобҳои иловагии 2 11 110, 2 11 120, 2 11 190, аз ҷумла бо ҷудокунии маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ нишон дода шудааст.

## Шакли №1/2 – Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ

Дар шакли №1/2 «Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ» (Замимаи 3) маълумоти муфассал оид ба амалиётҳои дохилиидоравӣ (АДИ), байниидоравӣ (АБИ) ва байнибуҷетӣ (АББ) оварда мешавад.

Ташкилотҳои буҷетӣ ин намуди шаклро пур карда, дар ҳар се намуд амалиётҳои дохилӣ (АДИ, АБИ, АББ) пешниҳод менамоянд.

Ҷадвали амалиётҳои дохилиро гирандагони маблағҳои буҷетӣ тартиб медиҳанд ва баъдан дар сатҳи тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ, тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ маҷмуикунонӣ (консолидатсия) карда мешавад.

Дар ҷадвали амалиётҳои дохилӣ қарздории дебиторӣ ва кредитории дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ, натиҷаҳои амалиётҳои байни ташкилотҳои буҷетии як идора ва байни дигар идораҳо ҷойдошта, инъикос карда мешавад.

Мутобиқи талаботҳои СҲМБДТ, ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуии бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зерин бояд пурра хориҷ карда (бароварда) шаванд:

- бақия аз рӯи амалиётҳои байни ташкилотҳои бахши давлатӣ;
- даромадҳо ва хароҷотҳо дар дохили бахши давлатӣ;
- фоида ва зарар аз амалиётҳои байни ташкилотҳои бахши давлатӣ, ки дар таркиби дороиҳо эътироф карда шудаанд (захираҳо, воситаҳои асосӣ ва ғ.ҳ.).

Амалиётҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравии аз ҳама муқаррарӣ – ин расонидани хизматҳои гуногун (масалан, хизматрасониҳо оид ба иҷрои биноҳо ва дигар объектҳо, хизматрасониҳо оид ба идоракунӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва ғ.ҳ.) аз ҷониби ташкилотҳои як идора ва идораҳои дигар мебошад. Ин амалиётҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ аз рӯи сатрҳои даромад ва хароҷот бо маблағҳои яхкела пурра хориҷ карда мешаванд. Агар ба санаи тартиб додани ҳисобот аз рӯи чунин амалиётҳо қарздории пардохтанашуда мавҷуд бошад, он гоҳ онро аз таркиби қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ бо маблағҳои яхкела хориҷ мекунанд.

## Шакли №1/3 - Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат

Дар шакли №1/3 «Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат» (Замимаи 4) арзиши дороиҳои дарозмуддати аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ харидашуда, ки ба ташкилот бо ҳуқуқи идоракунии амалиётӣ тааллуқ дорад, инчунин дороиҳои дарозмуддати аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифташуда, маблағҳои мақсаднок ва дохилшавиҳои бебозгашт, ба аввал ва охири сол аз рӯи ҳисобҳои иловагии НЯҲ 1 41 000, 1 42 000, 1 44 000, 1 46 000, 1 47 000, 1 49 000, 1

51 500 (сатрҳои 010-150) ва маблағи умумии ҳамаи дороиҳои дарозмуддат нишон дода мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар ин шакл аз рӯи сатрҳои 160-260 ғардиши дороиҳои дарозмуддат бо нишон додани сарчашмаҳои ғирифтани онҳо ва сабабҳои хориҷшавӣ (ҳамағӣ), аз он ҷумла аз ҳисоби маблағҳои махсус, оварда мешавад. Бинобар азнавбаҳодиҳии дороиҳои дарозмуддат дар шакли нишондодашуда маблағи зиёдшавии (камшавии) арзиши дороиҳои дарозмуддат аз рӯи натиҷаҳои азнавбаҳодиҳии онҳо навишта мешавад.

### Шакли №1/4 - Маълумот оид ба гардиши захираҳои моддӣ

Дар шакли №1/4 – «Маълумот оид ба ғардиши захираҳои моддӣ» (Замимаи 5) бақияи захираҳои моддӣ аз рӯи ҳисобҳои иловағии НЯҲ 1 31 000 (сатрҳои 010-120) ба аввал ва охири сол ва маблағи захираҳои моддии барои эҳтиёҷоти ташкилот дар соли ҳисоботӣ сарфкардашуда (ҳамағӣ), аз ҷумла аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ нишон дода мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар ин шакл аз рӯи сатрҳои 130-220 ғардиши захираҳои моддӣ бо нишон додани сарчашмаҳои ғирифтани онҳо ва сабабҳои хориҷшавӣ (ҳамағӣ), аз ҷумла, аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ оварда мешавад.

### Шакли №1/5 - Маълумот оид ба камомад ва дуздиҳои воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ

Дар шакли №1/5 – «Маълумот оид ба камомад ва дуздиҳои воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ» (Замимаи 6) маълумот аз рӯи камомад ва дуздиҳо (ҳамағӣ), аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ оварда мешавад.

Дар сатри 010 бақияи қарздорӣ аз рӯи камомадҳо ва дуздиҳои воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ ба аввали сол навишта мешавад, ки бояд ба сатри 060 ин шакл барои соли ғузашта мутобиқат намояд. Аз ҷумла, аз рӯи сатрҳои 011 ва 012 бақияи қарздории аз тарафи суд муқарраркардашуда ва дар мақомотҳои тафтишотӣ мавҷудбуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 020 маблағи камомадҳои муқарраркардашуда ва дуздиҳои воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ (ҳамағӣ) аз аввали сол нишон дода мешавад.

Дар сатри 030 маблағи талаф аз вайроншавии арзишҳои моддии ҳанғоми тафтишҳо, санҷишҳо ва барӯйхатғириҳо дар соли ҳисоботӣ муқарраркардашуда ва бо қарори суд ба шахсони айбдор бурдашуда нишон дода мешаванд.

Дар сатри 040 маблағи аз шахсони айбдор рӯёнидашуда барои пӯшонидани зарари расонидашуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 050 маблағи камомади аз ҳисоби ташкилот дар ҳолати муқаррар накардани шахсони айбдор аз ҳисоб баровардашуда, аз тарафи суд бекор кардани рӯёнидани зарар аз шахсони айбдор ё ки бо диғар сабабҳо навишта мешавад.

Дар сатри 060 бақияи қарздорӣ дар охири сол нишон дода мешавад.

**Шакли №1/6 – Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)**

Дар шакли №1/6 – «Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)» (Замимаи7) дар бораи бақияи фоидаи тақсимнашудаи (зарари пӯшиданашудаи) даврахои пешина ва давраи ҷорӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, маълумоти муфассал оварда мешавад. Сабабҳое, ки дар ин ҳисоб бақия пайдо мешавад, гуногун шуда метавонад:

- гирифтани фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ;
- ҳангоми гузариш аз ҳисобҳои кӯҳнаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба НЯҲ-и нав;
- сарфи барзиёди моддаҳои гуногуни сметаи хароҷотҳо аз нишондиҳандаҳои сметавӣ зиёд;
- ҳисобкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва кам кардани маблағҳои махсуси ҷудокардашуда ба фондҳои асосӣ;
- ислоҳ кардани хатогиҳои муайянкардашудаи давраҳои пешина ва г.ҳ.

**Шакли №1/7 – Варақаи бақиявӣ**

Дар шакли №1/7 – «Варақаи бақиявӣ» (Замимаи 8) бақияи ҷамъбастии ҳисобҳои НЯҲ ба аввал ва охири давра аз рӯи ҳисобҳои НЯҲ, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ оварда мешавад.

Дар асоси маълумоти варақаи бақиявӣ ҳамаи ҳисоботҳои молиявӣ, аз ҷумла ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ бо роҳи ҳисобкунии бақияи ҳисобҳои муҳосибӣ ва гузаронидани онҳо ба худи ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ тартиб дода мешавад. Варақаи бақиявӣ барои санҷидани мавҷудияти хатогиҳои арифметикӣ дар навиштаҷотҳои муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ истифода бурда мешаванд.

Варақаи бақиявӣ аксар ҳолат дар таҳлилҳои зерин истифода бурда мешавад:

- Барои таҳлили нишондиҳандаҳое, ки дар асоси маълумоти ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ ҳисоб кардан номумкин аст.
- Барои таҳлили ҳолатҳо ба ҳар як санаи мушаххас, ба охири давраи ҳисоботӣ, ки барои пешбурди баҳисобгирии идоравӣ зарур аст.
- Барои истифодабарии услуби таҳлили ба нишондиҳандаҳои баҳисобгирии таҳлилӣ ассосёфта.

**Шакли №1/8 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ**

Шакли №1/8 – «Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ» дар шакли ихтиёрӣ аз тарафи ташкилотҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад. Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ маълумот дар бораи омилҳои асосие, ки ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои молиявӣ ё ки маълумоти мушаххас бо дархости мақомотҳои болоии идоракунӣ (ТМБ, ТАМБ, СХМ) таъсири муҳим дорад, метавонад оварда шавад.

**6. Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ**

Ҳангоми тартиб додани Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (Замимаи 9), моддаҳои НЯҲ аз рӯи сатрҳои дахлдори Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ бояд ҷамъ карда шаванд. Дар ҷадвали дар поён овардашуда, дар сутуни «Ҳисобҳои НЯҲ» маҳз кадом моддаҳои НЯҲ ба кадом рамзи сатрҳои Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ бояд ҷамъ карда шаванд, нишон дода мешавад. Ҳамзамон сохтори НЯҲ-ро, ки дар боло шарҳ дода шудааст, ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Масалан, ба рамзи сатри 2 бояд сатҳи 1 ҷамъ карда шаванд, яъне 4., ҳамчунин сатҳи 2, яъне 19 ва ситорача маънои онро дорад, ки бояд ҳамаи ҳисобҳо аз 000 то 999 рақамгузорӣ карда шаванд.

Инчунин ҳамчун мисол рамзи сатри 5-ро дида баромадан мумкин аст, ки дар он аз рӯи схемаи нишондодашудаи ҳисоби 4.6*., бо баҳисобгирии хусусияти гузоштани ситорача, бояд ба сатҳи 1 ҷамъ карда шаванд, яъне 4., инчунин сатҳи 2, яъне аз 60 то 69 ва дар сатҳи сеюм ҳамаи ҳисобҳо аз 000 то 999 бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

**Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ**

| **Дар охири сол, 31 декабр** | **Рамзи сатр** | **201x** | **201x** | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **Даромадҳо** | | | | |
| Андозҳо | 1 | Xxx | xxx | 4.11.1*+4.11.2*+4.11.3*+4.12.1*+4.12.2*+4.12.3*+4.12.4*+4.12.5*+4.12.9*+4.13.1*+4.13.2*+4.13.3*+4.13.4*+4.13.5*+4.14.*+4.15.*+4.16.*+4.17.* |
| Боҷҳо, ҷаримаҳо, ҷаримаҳои аҳдшикани ва пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ | 2 | Xxx | xxx | 4.19.* |
| Даромад аз амалиётҳои ивазкунӣ | 3 | Xxx | xxx | 4.41.*+4.42.*+4.43.*+4.44.* |
| Трансфертҳо аз дигар субъектҳои бахши ҷамъиятӣ | 4 | Xxx | xxx | 4.18.* |
| Дигар даромадҳо | 5 | Xxx | xxx | 4.20.*+4.21.*+4.40.*+4.5*+4.6* |
| **Маблағи умумии даромадҳо** | | **Xxx** | **xxx** | |
| | | | | |
| **Хароҷотҳо** | | | | |
| Музди меҳнати коргарон, хизматчиён ва подоши кормандон | 6 | Xxx | xxx | 5.10.*+5.11.* |
| Ёрии пулӣ (субсидия) ва дигар пардохтҳои трансфертӣ | 7 | Xxx | xxx | 5.15.*+5.16.*+5.17.*+5.22.1*+5.22.2*+5.22.4+5.23.* |
| Истифодабарии захираҳо ва маводҳои харҷшаванда | 8 | Xxx | xxx | 5.12.* |
| Хароҷотҳо барои истеҳлок | 9 | Xxx | xxx | 5.13.* |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Арзоншавии воситаҳои асосӣ | 10 | Xxx | xxx | 5.31.*+5.32.* |
| Хароҷотҳои дигар | 11 | Xxx | xxx | 5.21.*+5.22.3*+5.22.5*+ 5.22.6*+5.22.9*+5.33.*+ 5.34.*+5.35.*+5.36.*+5.3 7.*+5.4*.* |
| Хароҷотҳо барои молиягузорӣ | 12 | Xxx | xxx | 5.14.* |
| **Маблағи умумии хароҷотҳо** | | **Xxx** | **xxx** | |
| | | | | |
| Ҳиссаи фоида/зарари субъектҳои ассосиатсияшуда | 13 | xxx(xxx) | xxx(xxx) | |
| | | | | |
| **Фоида/зарар барои давра** | | **xxx(xxx)** | **xxx(xxx)** | |
| | | | | |
| **Мансуббуда ба:** | | | | |
| Моликони субъекти назораткунанда | | Xxx | xxx | |
| Ҳиссаи ақаллият | | Xxx | xxx | |
| | | **Xxx** | **xxx** | |

**Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаи молиявӣ**

Шакли №2/1 – «Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ» дар шакли озод аз тарафи ташкилотҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад. Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ маълумот дар бораи омилҳои асосие, ки ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои молиявӣ ё ки маълумоти мушаххас бо дархости мақомотҳои болоии идоракунӣ (ТМБ, ТАМБ, СХМ) таъсири муҳим доранд, метавонад дарҷ карда шаванд.

**7. Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф**

Мақсади Ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф (Замимаи 10) муқоиса намудани бақия ба аввал ва охири давра дар қисми дороиҳои софи ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ва фаҳмонидани хусусияти тагйиротҳои дар давоми сол пайдошуда ба таври зерин мебошад:

- Бақия ба аввали давра аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ барои соли гузашта
- Ҷамъ / Тарҳи гардиш дар давоми сол
- Бақия ба охири давра дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ барои соли ҷорӣ

Масалан, ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ нишон медиҳад:

| **Дороиҳои соф / сармоя** | **Дар соли ҷорӣ** | **Дар соли гузашта** |
|---|---|---|
| Сармояи аз ҷониби дигар субъектҳои ҷамъиятӣ гузошташуда | 1,000 | 1,000 |
| Захираҳо | 400 | 325 |
| Фоида /зарари ҷамъшуда | 240 | 200 |
| Ҳиссаи ақаллият | - | - |
| | | |

| Ҷамъ дороиҳои соф / сармояи худӣ | 1,640 | 1,525 |
|---|---|---|

Ҳисоботи муқаррарии оддӣ оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф намуди зеринро дорад:

| | Сармояи гузошташуда | Захираҳо | Фоидаи ҷамъшуда | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| **Тавозун дар соли гузашта** | **1,000** | **325** | **200** | **1,525** |
| Фоида аз азнавбаҳодиҳии дороиҳо | | 75 | | 75 |
| Фоидаи давраи ҷорӣ | | | 40 | 40 |
| | | | | |
| **Тавозун дар соли ҷорӣ** | **1,000** | **400** | **240** | **1,640** |

(Ҳиссаи ақаллият ба эътибор гирифта нашудааст, барои он ки аз эҳтимол дур аст, ки ташкилотҳои буҷетӣ ҳиссаи акаллият дошта бошанд)

*Эзоҳ.* Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф дар шакли муфассали худ (шакл дар СБҲМБД 1 ҳамчун мисол дода шудааст, ин шакли устувор нест) мутлақан устувор намебошад ва дар мамлакатҳои гуногун намудҳои гуногун истифода бурда мешавад.

Дар шакли зерин ҳиссаи акаллият дар назар дошта нашудааси ва гардиши захираҳо ҳамчун банди алоҳида мутобики пешниҳод дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ нишон дода шудааст.

Инчунин эҳтимол дорад, ки сатри 13 Фарқияти қурбӣ аз рӯи азнавҳисобкунии амалиётҳои хориҷӣ ва сатри 14 даромадҳои соф, ки бевосита дар сармоя эътироф шудаанд, талаб карда нашаванд ва метавонад дар ҳисобот нишон дарҷ нагарданд.

| **Сатр/сутун** | | **1** | **2** | **3** | **4** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Сатри Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ** | | **24** | **25** | **26** | **Ҳамагӣ** |
| **НЯҲ** | | **3.1x.xxx** | **3.2x/3.3x/3. 4x/3.5** | **3.6x.xxx** | |
| | | **Сармояи гузошташуда** | **Захираҳо** | **Фоида (зарари) ҷамъшуда** | **Маблағи умумии сармоя** |
| 1 | **Тавозун ба ҳолати 31 декабри 2012** | **xxx** | **xxx** | **xxx** | **xxx** |
| 2 | Тағйирот дар сиёсат оид ба ҳисоботи молиявӣ | | | | |
| 3 | **Тавозуни азнавҳисобкардашуда ба ҳолати 31 декабри 2012** | **xxx** | **xxx** | **xxx** | **xxx** |
| 4 | **Тағйирот дар сармоя барои 2013** | **-** | **-** | **-** | **-** |
| 5 | Азнавҳисобкунии холис (соф) | - | 3.21.xxx<br>3.22.xxx<br>3.23.xxx<br>3.24.xxx<br>3.25.xxx<br>3.26.xxx<br>3.27.xxx<br>3.31.xxx<br>3.32.xxx<br>3.33.xxx<br>3.34.xxx<br>3.35.xxx | - | xxx |
| 6 | Фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиётҳои хориҷӣ | - | xxx | - | xxx |
| 7 | Даромади софи бевосита дар сармоя эътирофшуда | - | xxx | - | xxx |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8 | фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ | - | - | 3.51.xxx | xxx |
| 9 | **Маблағи умумии даромад ва хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ эътирофгашта** | **-** | **xxx** | **xxx** | **xxx** |
| 10 | **Тавозун ба ҳолати 31 декабри 2013** | **xxx** | **xxx** | **xxx** | **xxx** |
| 11 | **Тағйирот дар сармоя барои 2014** | **-** | **-** | **-** | **-** |
| 12 | Азнавҳисобкунии холис (соф) | - | 3.21.xxx<br>3.22.xxx<br>3.23.xxx<br>3.24.xxx<br>3.25.xxx<br>3.26.xxx<br>3.27.xxx<br>3.31.xxx<br>3.32.xxx<br>3.33.xxx<br>3.34.xxx<br>3.35.xxx | - | xxx |
| 13 | Фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиётҳои хориҷӣ | - | xxx | - | xxx |
| 14 | Даромади софи бевосита дар сармоя эътирофшуда | - | xxx | - | xxx |
| 15 | фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ | - | - | 3.51.xxx | xxx |
| 16 | **Ҳамагӣ даромад ва хароҷоти дар** давраи ҳисоботӣ **эътирофгашта** | | **xxx** | **xxx** | **xxx** |
| 17 | **Тавозун ба ҳолати 31 декабри 2014** | **xxx** | **xxx** | **Xxx** | **xxx** |

Сатрҳои 1 – 10 нишондиҳандаҳоро барои соли гузашта инъикос менамоянд, то ин ки муқоиса бо натиҷаҳои соли ҷорӣ таъмин карда мешавад ва метавонанд дар соли 1-ум (соли 2014) ба эътибор гирифта нашаванд, барои он ки маълумоти муқоисавӣ ҳатмӣ намебошанд (нигаред СҲМБДТ 1 банди 101). Аммо дар 2 соли минбаъда онҳо нишон дода мешаванд ва то он вақте ки ба сиёсати ҳисоботи молиявӣ ислоҳҳот (тасҳеҳот) даровarда нашавад, онҳо чунин мемонанд.

Дастурҳои зерин дар назар доранд, ки мо ҳисобот оид ба сармояро барои охири 31 декабри соли 2014 тартиб медиҳем ва барои ҳамаи солҳои гузашта маълумот мавҷуд аст.

**Эзоҳ:** Барои соли якуми ҳисоботӣ (соле, ки 31 декабри соли 2014 ба охир мерасад) сатрҳои аз 1 то 9 истифода бурда намешаванд, зеро дар соли якуми ҷорӣ намудани СҲМБДТ 1 рақамҳои муқоисавӣ оварда намешавад.

**Сатри 1 – Бақия ба 31 декабри соли 2012**

Ин бақияҳои аввалае мебошанд, ки дар ҳисобот барои 31 декабри соли 2012 инъикос шудаанд.

**Сатри 2 –Тағйирот дар сиёсат оид ба ҳисоботи молиявӣ**

Ин таъсири ислоҳоти (тасҳеҳи) ретроспективии ба ҳисоботи молиявӣ гузаронидашуда мебошад, ки дар СҲМБДТ 3 «Сиёсати ҳисоботи молиявӣ, тагйирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ ва хатогиҳо» оварда шудааст. Дар ин сатр таъсири ҳаргуна ислоҳҳоти ретроспективии барои азнавҳисобкунии рақамҳои аввалаи ҳисоботи молиявӣ барои солҳои гузашта зарурбуда инъикос карда мешавад. Ҳисоботи молиявӣ барои соли гузашта (дар ин мисол 2013) азнав ҳисоб карда мешавад, барои он ки таъсири тагйирёбиҳо дар сиёсати ҳисоботи молиявии ҳамон сол нишон дода шавад.

**Эзоҳ:** маротибаи якум ин сатр барои соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир мерасад истифода бурда мешавад, вақте ки ҷорӣ кардани марҳилаи (транши) навбатии стандартҳо ба нақша гирифта мешавад.

**Сатри 3 – Тавозуни markazнавҳисобкардашуда ба ҳолати 31 декабри 2012**

Ин сатри 1-ум ҷамъ ё тарҳи ягон хел ислоҳҳот дар сатри 2.

**Сатри 4 – Тағйирот дар сармоя барои 2013**

Шарҳи сатрҳои 5 – 7, даркор нест.

**Сатри 5 – Азнавҳисобкунии холис (соф)**

Ин нишондиҳандаҳои сатри 12-и ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф барои соли гузашта мебошад ва ин ҷараён дар поён дар сатри 12 - азнавҳисобкунии холис (соф) шарҳ дода мешавад.

**Сатри 6 –Фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиётҳои хориҷӣ**

Ин рақамҳои сатри 13-и ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф барои соли гузашта мебошад ва ин ҷараён дар поён дар сатри 13 – Фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиётҳои хориҷӣ шарҳ дода мешавад.

**Сатри 7 – Даромади софи бевосита дар сармоя эътирофшуда**

Ин рақамҳои сатри 14-и ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф барои соли гузашта мебошад ва ин ҷараён дар поён дар сатри 14 – Даромади софи бевосита дар сармоя эътирофшуда шарҳ дода мешавад.

**Сатри 8 - фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ**

Ин рақамҳои сатри 15-и ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф барои соли гузашта мебошад ва ин ҷараён дар поён дар сатри 15 – Фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ шарҳ дода мешавад.

**Сатри 9 – Маблағи умумии даромад ва хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ эътирофгашта**

Ин ҷамъи сатрҳои 5 – 8.

**Эзоҳ:** сатрҳои аз 1 то 9 метавонанд дар соли якуми ҳисобот ба эътибор гирифта нашаванд, барои он ки маълумоти муқоисавӣ барои соли гузашта нишон дода намешавад. Дар соли 2-юми ҳисоботи нав, маълумоти муқоисавӣ дар сатрҳои 1 то 9 нишон дода мешавад, аммо ин рақамҳо дар соли гузашта ҳамчун нишондодашуда мебошанд.

**Сатри 10 – Бақия ба 31 декабри 2013**

Сатри мазкур ҳамчун фарқияти байни сатрҳои 3 ва 9 муайян карда мешавад ва бояд ба Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ дар охири сол – 31 декабри соли 2013 мутобиқат кунад.

Дар соли якум ин бақияи аввала дар сатрҳои 24, 25 ва 26-и ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ мебошад (Сатрҳои 1 то 9 танҳо баъди соли якуми ҳисобот истифода бурда мешаванд).

**Сатри 11 – Тағйирот дар сармоя барои 2014**

Шарҳи сатрҳои 13 – 17, даркор нест.

**Сатри 12 – Азнавҳисобкунии холис (соф)**

Ин гардиши ҳисобҳои дар поён овардашуда дар давоми сол мебошад. Бақия ба охири давраи ҳисоботӣ дар охири сол, тарҳи бақия ба аввали давраи ҳисоботӣ дар аввали сол барои ҳисобҳои зерин мебошад:

**Строка 13 - Фарқияти қурбӣ аз рӯи амалиётҳои хориҷӣ**

Ин ҳолати камшуморе мебошад, ки фарқияти қурбии аз рӯи моддаҳои монетарӣ пайдошуда, ки қисми сармоягузориҳои софи ташкилоти ҳисоботдиҳанда мебошад, дар амалиётҳои хориҷӣ бевосита дар сармоя эътироф карда шавад.

Дар ин хусус дар СҲМБДТ 4 «Таъсири тагйирёбиҳои қурбҳои асъор» банди 14 сухан меравад.

СҲМБДТ 4 банди 14 «Дар ҳолате, ки агар ташкилоти буҷетӣ дорои моддаи монетарии аз сохтори хориҷӣ қабулшаванда ё ӯҳдадории монетарии ба сохтори хориҷӣ пардохтшаванда бошад, ки пардохташ дарояндаи наздик пешбинӣ нашудааст ва мумкин аст умуман пардохт карда нашавад, моддаи монетарӣ моҳиятан қисми сармоягузории софи ташкилоти буҷетӣ дар ин сохтори хориҷӣ маҳсуб ёфта, тибқи бандҳои 28 ва 29 ба ҳисоб гирифта мешавад»

Ба амал омадани чунин амалиётҳо эҳтимолияти кам дорад ва барои ҳамин ҳам айни ҳол ҳисобҳои махсуси НЯҲ мавҷуд нест, ки ба ин намуди амалиёт вобаста бошанд.

**Сатри 14 - Даромади софи бевосита дар сармоя эътирофшуда**

Ин ҳолати камшуморе мебошад, ки даромад дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ инъикос карда нашавад.

Ба амал омадани чунин амалиётҳо эҳтимолияти кам дорад ва барои ҳамин ҳам айни замон ҳисобҳои махсуси НЯҲ мавҷуд нест, ки ба ин намуди амалиёт вобаста бошанд.

**Сатри 15 - фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ**

Ин фоида ё зарар дар давоми сол аст, чуноне ки дар ҳисоби 3.60.xxx «Фоидаи тақсимнашудаи (зарари) давраи ҳисоботӣ» қайд карда шудааст. Ҳамзамон ин бояд бо сатри 14 «фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ" дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ мувофиқа карда шавад.

**Сатри 16 - Ҳамагӣ даромад ва хароҷоти дар як давра эътирофгашта**

Ин маблаги умумии сатрҳои 11 – 15 мебошад

**Сатри 17 – Тавозун ба ҳолати 31 декабри 2014**

Сатри мазкур ҳамчун фарқияти байни сатрҳои 10 ва 15 муайян карда мешавад ва бояд ба Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ дар охири сол – 31 декабри соли 2014 мутобиқат кунад.

**Шакли №3/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф**

Шакли №3/1 – «Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба тагйиротҳои дороиҳои соф» дар шакли озод аз тарафи ташкилотҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад.

Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ маълумот дар бораи омилҳои асосие, ки ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои молиявӣ ё ки маълумоти мушаххас бо дархости мақомотҳои болоии идоракунӣ (СХМ) таъсири муҳим доранд, метавонанд нишон дода шаванд.

**8. Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ**

Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ (Замимаи 11) мутобиқи СҲМБДТ 2 бо усули бевосита тартиб дода мешавад. Ҳангоми бо усули бевосита тартиб додани ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ, амалиётҳо дар ҳисобҳои кассавӣ (хазинавӣ) ва дар суратҳисобҳои бонкӣ аз рӯи намуди амалиёт таҳлил карда мешавад.

Яъне амалиётҳое, ки дар ҳисобҳои 1.11.xxx. «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо – дохилӣ» ва 1.12.xxx «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо – берунӣ» инъикос карда мешаванд, бояд аз рӯи намуди фаъолият таҳлил карда шаванд.

Ҷараёни таҳлил муқоисаи бақия ба аввал ва охири давраро дар ҳисобҳои кассавӣ ва бонкӣ дарбар мегирад:

| | |
|---|---|
| Бақия ба аввали давра | 100,000 |
| Ҷамъи пулҳои гирифташуда | 1,500,000 |
| Тарҳи пулҳои сарфкардашуда | (1,480,000) |
| Бақияи охирин | 120,000 |

Маълумот оид ба гардиши воситаҳои пули гирифташуда ва сарфкардашуда аз рӯи се намуди фаъолият таҳлил карда мешавад:

- Фаъолияти амалиётӣ (СҲМБДТ 2 бандҳои 13 -16)
- Фаъолияти сармоягузорӣ (СҲМБДТ 2 бандҳои 17 - 18)

- Фаъолияти молиявӣ (СҲМБДТ 2 бандҳои 19 - 20)

Мисолҳои фаъолияти амалиётӣ:

- Дохилшавиҳои пулӣ аз андозҳо, ҷаримаҳо ва г.ҳ.
- Дохилшавиҳои пулӣ аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо, аз он ҷумла дохилшавиҳо аз иҷора, комиссияҳо ва сугурта.
- Дохилшавиҳои пулӣ аз роялти, пардохтҳо, комиссияҳо ва дигар даромадҳо.
- Пардохтҳои пулӣ ба таъминкунандагон барои хариди ашёи хом, масолеҳҳо, молҳо ва хизматрасониҳо.
- Пардохтҳо ба кормандон.
- Пардохтҳои пулӣ барои иҷора ва ҳуқуқ ба истифодабарии дороиҳои гайримоддӣ аз дигар ташкилотҳои буҷетӣ.

Мисолҳои фаъолияти сармоягузорӣ (инвеститсионӣ):

- Пардохтҳои пулӣ барои хариди воситаҳои асосӣ, сармоягузориҳо ба амволи гайриманқул, захираҳои табиӣ, дороиҳои гайримоддӣ ва биологӣ.
- Дохилшавиҳои пулӣ аз фурӯши воситаҳои асосӣ, молиякияти сармоягузорӣ, захираҳои табиӣ, дороиҳои гайримоддӣ ва биологӣ.
- Корҳои бо сохтмони мустақили объектҳои воситаҳои асосӣ вобастбуда.
- Харид ва хориҷ кардани воситаҳои ҳиссавӣ ва қарзии дигар ташкилотҳои буҷетӣ.
- Барориш ва пардохти қарзҳои (вомҳои) ба шахсони дигар пешниҳодшуда.
- Барпо кардан ва ичроиши қарордодҳои форвардӣ, фючерсӣ, опсионӣ ва своп, то он вақте, ки онҳо аз нуқтаи назари фаъолияти молиявӣ ва сармоягузорӣ ба таври мушаххас муайян карда намешаванд.

Мисолҳои фаъолияти молиявӣ:

- Воситаҳои пулии аз барориши облигатсияҳои таъминкарданашуда, қарзҳо, облигатсияҳои нотавӣ, қарзҳои ипотекӣ ва дигар қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дохилшуда.
- Пардохтҳои пулӣ аз рӯи воситаҳои ба қарз гирифташуда.
- Пардохтҳои пулӣ аз рӯи шартномаи иҷора барои кам кардани қарздории пардохтанашуда аз рӯи иҷораи молиявӣ.

Тартиби асосӣ дар таҳлил намудани ҳамаи гардишҳо дар ҳуҷҷатҳои пулӣ аз рӯи дохилшавиҳо ва пардохтҳо ва дохил намудани онҳо ба яке аз намудҳои фаъолияти дар боло овардашуда мебошад.

Бо ибораи дигар, ҳамаи дохилшавиҳо ва пардохтҳоро таҳлил кардан зарур аст.

| **Воситаҳои пулии дохилшуда** | **Воситаҳои пулии пардохташуда** |
|---|---|

| ***Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | ***Пардохтҳои воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** |
|---|---|
| Андозҳои дохилшуда | Хароҷотҳо барои кормандон |
| Даромад аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо | Таъминкунандагон |
| Грантҳои гирифташуда | Фоизҳои пардохташуда |
| Фоизҳои гирифташуда | Дигар пардохтҳо |
| Дигар дохилшавиҳо | |

| ***Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | ***Пардохтҳои воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** |
|---|---|
| Дохилшавиҳо аз фурӯши молу мулк, мошинҳо ва таҷҳизот | Хариди воситаҳои асосӣ |
| Дохилшавиҳо аз фурӯши сармоягузориҳо | Хариди сармоягузориҳо |

| ***Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | ***Пардохтҳои воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** |
|---|---|
| Дохилшавиҳо аз воситаҳои қарзӣ | Пардохти кредитҳо ва қарздориҳо |
| Тақсимкунӣ / суди саҳмияҳо ба ҳукумат | |

Ҳангоми тартиб додани Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ дохилшавиҳо ва пардохтҳои вокеии пулии ҳамаи ҳисобкуниҳо ва пешпардохтҳо бояд ба асос гирифта шуда, амалиётҳои гайрипулӣ ба инобат гирифта намешаванд.

| **Сатри #** | **«Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ»** | | |
|---|---|---|---|
| **Охири сол - 31 декабри 20xx** | | **Сомонӣ** | **Эзоҳ** |
| **Дохилшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | | |
| **Дохилшавӣ:** | | | |
| 1 | Андозҳо | xxx | Дар ин сатр маблаги умумии дохилшавиҳои маблагҳои пулӣ аз тамоми намуди андозҳо нишон дода мешавад |
| 2 | Фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо | xxx | Дар ин сатр маблаги умумии дохилшавиҳои маблагҳои пулӣ аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо нишон дода мешавад |
| 3 | Грантҳо | xxx | Дар ин сатр маблаги умумии дохилшавиҳои маблагҳои пулии аз тарафи дигар ташкилотҳо дар доираи грантҳо гирифташуда инъикос |

| Сатри # | «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ» | | |
|---|---|---|---|
| **Охири сол - 31 декабри 20xx** | | **Сомонӣ** | **Эзоҳ** |
| | | | мегардад |
| 4 | Фоизҳои гирифташуда | xxx | Дар ин сатр маблаги умумии дохилшавиҳои маблагҳои пули бо даромад аз фоизҳо вобастабуда нишон дода мешавад |
| 5 | Дигар дохилшавиҳо | xxx | Дар ин сатр маблаги тамоми дигар дохилшавиҳои амалиётии маблагҳои пулии дар дигар сатрҳо оварданашуда нишон дода мешавад. |
| **Пардохтҳо:** | | | |
| 6 | Хароҷотҳо барои кормандон | (xxx) | Дар ин сатр хароҷоти умумӣ ба кормандон, воситаҳои пулии ба кормандон пардохташуда ва дигар хароҷоти бо таъмини кор вобаста нишон дода мешавад |
| 7 | Таъминкунандагон | (xxx) | Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии ба таъминкунандагон барои хариди ашёи хом, масолеҳҳо, молу хизматрасониҳо пардохташуда нишон дода мешавад. |
| 8 | Фоизҳои пардохтшуда | (xxx) | Дар ин сатр ҳамаи воситаҳои пулии бо хароҷоти фоизӣ вобаста пардохташуда нишон дода мешавад. |
| 9 | Дигар пардохтҳо | (xxx) | Дар ин сатр ҳамаи пардохҳои пулии бо сатри 11-и «Дигар хароҷотҳо» ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ вобастабуда нишон дода мешавад. |
| **10** | **Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **xxx/(xxx)** | **Маблағи умумии сатрҳои 1 – 9** |
| **Дохилшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | | |
| 11 | Хариди воситаҳои асосӣ | (xxx) | Дар ин ҷо маблаги умумии воситаҳои пулии барои хариди дороиҳои гайригардишӣ пардохташудаи сатри 9 «Инфрасохтор, воситаҳои асосӣ» ва сатри 10-и «Замин ва бино» -и ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ инъикос карда мешавад |
| 12 | Дохилшавиҳо аз фурӯши воситаҳои асосӣ | xxx | Дар ин ҷо маблаги умумии воситаҳои пулии аз фурӯши дороиҳои гайригардишӣ гирифташудаи сатри 9 «Инфрасохтор, воситаҳои асосӣ» ва сатри 10-и «Замин ва бино» ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ инъикос карда мешавад. |

| Сатри # | «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ» | | |
|---|---|---|---|
| **Охири сол - 31 декабри 20xx** | | **Сомонӣ** | **Эзоҳ** |
| 13 | Дохилшавиҳо аз фурӯши сармоягузориҳо | xxx | Дар ин ҷо маблаги умумии воситаҳои пулии аз фурӯши сармоягузориҳо гирифташудаи сатри 7 «Сармоягузориҳо ба ширкатҳои ассосиатсияшуда» ва сатри 8-и «Дигар дороиҳои молиявӣ» ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ инъикос карда мешавад. |
| 14 | Хариди сармоягузорӣ | (xxx) | Дар ин ҷо маблаги умумии воситаҳои пулии барои хариди сармоягузориҳо пардохташудаи сатри 7 «Сармоягузориҳо ба ширкатҳои ассосиатсияшуда» ва сатри 8-и «Дигар дороиҳои молиявӣ» ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ инъикос карда мешавад. |
| **15** | **Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(xxx)** | **Маблағи умумии сатрҳои 11 – 14** |
| **Дохилшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | | |
| 16 | Дохилшавиҳо аз қарздориҳо | xxx | Дар ин ҷо маблаги умумии ҳамаи дохилшавиҳои пулии сатри 14 «Қарздориҳои кӯтоҳмуддат», сатри 15 «Қисми кӯтоҳмуддати кредитҳои дарозмуддат» ва сатри 20 «Қарздориҳои дарозмуддат» ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ нишон дода мешавад. |
| 17 | Пардохти кредитҳо ва қарздориҳо | (xxx) | Дар ин ҷо маблаги умумии ҳамаи пардохтҳои пулии сатри 14 «Қарздориҳои кӯтоҳмуддат», сатри 15 «Қисми кӯтоҳмуддати кредитҳои дарозмуддат» ва сатри 20 «Қарздориҳои дарозмуддат» ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ нишон дода мешавад. |
| 18 | Тақсимкунӣ / суди саҳмияҳо ба ҳукумат | (xxx) | Ин он воситаҳои пулии аз дигар ташкилотҳои давлатӣ гирифташуда ё ба онҳо пардохташуда мебошад, вале на он воситаҳои пулие, ки бо пардохти молу хизматрасониҳо вобаста мебошанд. |
| **19** | **Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **xxx** | **Маблағи умумии сатрҳои 17 - 18** |
| **20** | **Зиёдшавии холис (соф) / камшавии воситаҳои пулӣ ва** | **xxx/ (xxx)** | **Маблағи умумии сатрҳои 11, 16 ва 19** |

| Сатри # | «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ» | | |
|---|---|---|---|
| Охири сол - 31 декабри 20хх | | Сомонӣ | Эзоҳ |
| | муодили онҳо | | |
| 21 | **Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо ба аввали давра** | **xxx** | Ин шумораи умумии ҳисобҳои 1.11.ххх «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо - дохилӣ» ва 1.21.ххх «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо – берунӣ» дар аввали сол мебошад ва ба сатри 1-и ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ барои соли гузашта мутобикат мекунад. |
| 22 | Фоида аз рӯи фаркиятҳои курбӣ | | Ин амалиёти гайрипулӣ буда, азрӯи онҳо гузарониш дар ҳисобҳои кассавӣ ва бонкӣ дар охири сол барои инъикоси тагйирёбиҳо дар қурби асъори бақияҳои касса ва бонк дар санаи ҳисоботӣ.тартиб дода мешавад |
| 23 | **Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо ба охири давра** | **xxx** | Ин шумораи умумии ҳисобҳои 1.11.ххх «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо - дохилӣ» ва 1.21.ххх «Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо – берунӣ» дар охири сол мебошад ва бояд ба сатри 1-и ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ барои соли ҷорӣ мутобиқат кунанд. |

**Сатри 1 Андозҳо**

Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии аз тамоми намуди андозҳо дохилшуда аз руи зерҳисобҳои зерин нишон дода мешавад:

- 4.11. ххх Андозҳо аз даромадҳо, фоида ва афзоиши сармоя
- 4.12. ххх Андозҳо аз моликият
- 4.13. ххх Андозҳо аз рӯи молҳо ва хизматрасониҳо (Андозҳои гайримустақим)
- 4.14. ххх Дигар андозҳо аз истифодаи молҳо ва иҷозат ба истифодаи онҳо ё ба амалигардонии фаъолият
- 4.15. ххх Андозҳо оиди савдо ва амалиётҳои байналмилалӣ
- 4.16. ххх Дигар андозҳо
- 4.17. ххх Андозҳои иҷтимоӣ ва аъзоҳаққиҳо
- 4.19.ххх Ҷаримаҳо, ҷаримаҳои мӯҳлатӣ ва ҷаримаҳои аҳдшиканӣ

**Сатри 2 Фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо**

Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо гирифташуда нишон дода мешавад, ки дар ҳисобҳои зерин инъикос карда шудааст:

- 4.42.ххх Даромадҳо аз фурӯши молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ
- 4.43.ххх Дигар даромадҳои мушаххаснашуда

- 4.44.xxx Бозгардондан ва тахфифҳои молҳои фурӯхташуда, корҳо ва хизматрасониҳо

**Сатри 3 Грантҳои гирифташуда**

Дар ин сатр маблаги умумии дохилшавиҳои маблагҳои пулии аз тарафи дигар ташкилотҳо дар доираи грантҳо гирифташуда инъикос мегардад :

4.18.xxx Грантҳо

**Сатри 4 Фоизҳои гирифташуда**

Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии бо даромад аз фоизҳо вобастабуда гирифташуда нишон дода мешавад:

- 4.41.xxx Даромадҳо аз моликият

**Сатри 5 Дигар дохилшавиҳо**

Дар ин сатр маблаги тамоми дигар дохилшавиҳои амалиётии маблагҳои пулӣ аз руи зерҳисобҳои зерин нишон дода мешавад:

- 4.19.xxx Ҷаримаҳо, ҷаримаҳои мӯҳлатӣ ва ҷаримаҳои аҳдшиканӣ
- 4.20.xxx Трансфертҳои ихтиёрӣ, ба истисноии грантҳо
- 4.21.xxx Дигар даромадҳои мушаххаснашуда
- 4.51.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - дороиҳои гайримолиявӣ
- 4.52.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - дороиҳои истеҳсолнашуда
- 4.53.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - дороиҳои молиявӣ – дохилӣ
- 4.54.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - дороиҳои молиявӣ – берунӣ
- 4.55.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - тиллои пулӣ ва ҲМҚ (СДР)
- 4.56.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - ӯҳдадориҳо – дохилӣ
- 4.57.xxx Фоидаи ҳолдингӣ - ӯҳдадориҳо – берунӣ
- 4.60.xxx Даромадҳо аз рӯи азнавнархгузорӣ - Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм
- 4.61.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм - дороиҳои гайримолиявӣ
- 4.62.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм - дороиҳои истеҳсолнашуда
- 4.63.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм – дороиҳои молиявии дохилӣ
- 4.64.xxx Дигар тагйиротҳо дарҳаҷм – дороиҳои молиявии берунӣ
- 4.65.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм - тиллои пулӣ ва ҲМҚ (СДР)
- 4.66.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм – ӯҳдадориҳои дохилӣ
- 4.67.xxx Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм – ӯҳдадориҳои берунӣ

**Сатри 6 Хароҷотҳо барои кормандон**

Дар ин сатр хароҷоти умумӣ барои шугл, воситаҳои пулии ба кормандон пардохташуда ва ҳаргуна дигар хароҷоти бо ин вобаста, ки ҳамчун хароҷот барои таъмин бо кор дар сатри 6 ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ эътироф карда мешаванд, аз руи зерҳисобҳои зерин нишон дода мешавад:

- 5.10.xxx Пардохти музди меҳнати кормандон
- 5.11.xxx Аъзоҳаққиҳо /маблагҳои ҳисобкардашуда барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ
- 5.17.xxx Кумакпулиҳои иҷтимоӣ

**Сатри 7 Пардохтҳо ба таъминкунандагон**

Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии ба таъминкунандагон барои хариди ашёи хом, масолеҳҳо, молу хизматрасониҳо пардохташуда нишон дода мешавад, яъне ҳамаи пардохтҳои дар ҳисобҳои зерин инъикосгашта:

- 5.12.xxx Истифодаи молу хизматрасониҳо

**Сатри 8 Фоизҳои пардохташуда**

Дар ин сатр маблаги умумии воситаҳои пулии бо хароҷоти фоизӣ вобаста пардохташуда нишон дода мешавад, яъне ҳамаи пардохтҳои дар ҳисобҳои зерин инъикосгашта:

- 5.14.xxx Фоизҳои пардохташуда

**Сатри 9 Дигар пардохтҳо**

Дигар пардохтҳо ин ҳамаи дигар пардохтҳои фаъолияти амалиётӣ мебошад, ки дар дигар ҷойҳои ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ инъикос карда нашудааст ва аз руи зерҳисобҳои зерин инъикос карда мешавад:

- 5.20.xxx Дигар хароҷот
- 5.21.xxx Хароҷоти марбут ба моликият, ба истисноі фоизҳо
- 5.22.xxx Дигар хароҷотҳои гуногун - ҷорӣ
- 5.23.xxx Дигар хароҷотҳои гуногун - асосӣ
- 5.33.xxx Зарари ҳолдингӣ - дороиҳои молиявии дохилӣ
- 5.34.xxx Зарари ҳолдингӣ - дороиҳои молиявии берунӣ
- 5.35.xxx Зарари ҳолдингӣ - тиллои пулӣ ва ҲМҚ (СДР)
- 5.36.xxx Зарари ҳолдингӣ – ӯҳдадориҳои дохилӣ
- 5.37.xxx Зарари ҳолдингӣ – ӯҳдадориҳои берунӣ
- 5.4x.xxx Зарарҳо аз рӯи азнавнархгузорӣ - Дигар тагйиротҳо дар ҳаҷм - дороиҳои гайримолиявӣ

**Сатри 10 Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ**

Ин ҷамъи умумии сатрҳои 1 то 9.

**Сатри 11 Хариди воситаҳои асосӣ**

Дар ин сатр хароҷот барои дороиҳои капитализатсияшуда (ҷамъшуда) инъикос карда мешавад. Ин сатр наметавонад худи ҳамон бошад, барои он ки дороиҳо капитализатсия шудаанд. Комилан эҳтимол аст, ки дороиҳо метавонанд ба қарз харида шаванд ва дар ин ҳолат воситаҳои пулии нақд пардохта намешаванд.

Ҳисобҳои инфрасохтор, мошинҳо ва таҷҳизот чунинанд:

- 1.41.3xx Мошинҳо ва таҷҳизот бо арзиши аслӣ
- 1.41.4xx Мебел ва лавозимот бо арзиши аслӣ
- 1.41.5xx Асбобҳо, инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ бо арзиши аслӣ
- 1.43.3xx Мошинҳо ва таҷҳизот барои насб
- 1.43.4xx Мебел ва лавозимот барои насб
- 1.43.5xx Асбобҳо, инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ барои насб
- 1.44.1xx Моликияти сармоягузорӣ биноҳо бо арзиши аслӣ
- 1.44.2xx Моликияти сармоягузорӣ иншоот бо арзиши аслӣ
- 1.44.3xx Моликияти сармоягузорӣ замин бо арзиши аслӣ
- 1.46.3xx Сохтмони нотамом - мошинҳо ва таҷҳизот
- 1.55.13x Беарзишшавии ҷамъшуда - мошинҳо ва таҷҳизот
- 1.55.14x Беарзишшавии ҷамъшуда – мебел ва лавозимот
- 1.55.15x Беарзишшавии ҷамъшуда - асбобҳо, инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ
- 1.55.16x Беарзишшавии ҷамъшуда - ободонии замин

Ҳисобҳои замин ва биноҳо чунинанд:

- 1.41.1xx Биноҳо бо арзиши аслӣ
- 1.41.2xx Иншоот бо арзиши аслӣ
- 1.41.6xx Ободонии замин
- 1.43.1xx Воситаҳои асосӣ барои насб биноҳо
- 1.43.2xx Воситаҳои асосӣ барои насб иншоот
- 1.43.3xx Воситаҳои асосӣ барои насб мошинҳо ва таҷҳизот
- 1.43.4xx Воситаҳои асосӣ барои насб мебел ва лавозимот
- 1.43.5xx Воситаҳои асосӣ барои насб асбобҳо, инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ
  1.44.1xx Моликияти сармоягузорӣ замин бо арзиши аслӣ
- 1.44.2xx Моликияти сармоягузорӣ иншоот бо арзиши аслӣ

- 1.46.1xx Сохтмони нотамом – биноҳо бо арзиши аслӣ
- 1.46.2xx Сохтмони нотамом – иншоот бо арзиши аслӣ
- 1.51.1xx Захираҳои табиӣ бо арзиши аслӣ
- 1.51.3xx Дигар дороиҳои табиӣ бо арзиши аслӣ
- 1.55.11x Беарзишшавии ҷамъшуда – биноҳо
- 1.55.12x Беарзишшавии ҷамъшуда – иншоот
- 1.55.3xx Беарзишшавии ҷамъшуда – сохтмони нотамом
- 1.55.61x Беарзишшавии ҷамъшудаи замин
- 1.55.62x Беарзишшавии ҷамъшудаи захираҳои зеризаминӣ
- 1.55.63x Беарзишшавии ҷамъшудаи дигар дороиҳои табиӣ

**Сатри 12 Дохилшавиҳо аз фурӯши молу мулк, мошинҳо ва таҷҳизот**

Ин сатр барои навиштаҷоти ҳамаи дохилшавиҳои маблағҳои пулӣ аз фурӯши дороиҳои дар сатри 11 нишондодашуда метавонад истифода бурда шавад

**Сатри 13 Дохилшавиҳо аз фурӯши сармоягузориҳо**

Дар ин сатр ҳамаи дохилшавиҳои маблағҳои пулӣ аз фурӯши маблағгузориҳои молиявӣ ба ширкатҳои ассосиатсияшуда (муттаҳидшуда) нишон дода мешавад. Агар ба ширкати ассосиатсияшуда ягон хел сармоягузорӣ карда шавад, онҳо ба ин сатр тақсим карда мешаванд. (Диққат диҳед, ки ҷой доштани чунин дороиҳо эҳтимолияти кам дорад). Ҳисобҳои:

- 1.71.32x Сармоягузориҳо ба фаъолияти муштарак
- 1.71.33x Сармоягузориҳо ба корхонаҳои муттаҳидшуда

Дигар дороиҳои молиявӣ - ин сатр барои навиштаҷоти ҳамаи дороиҳои молиявии дар сатри 7 «Сармоягузориҳо ба ширкатҳои ассосиатсияшуда» навишташуда фарқкунанда метавонад истифода бурда шавад (Диккат диҳед, ки дар ин сатр дороиҳои молиявии асосии мавҷудбуда инъикос карда мешавад). Сатри мазкур ҳисобҳои зеринро дарбар мегирад:

- 1.61.xxx Дигар дороиҳои молиявӣ
- 1.62.xxx Дисконтҳо (Тахфиф) ва подошҳо аз рӯи сармоягузориҳои дарозмуддат
- 1.71.xxx Қоғазҳои қиматнок, ба ғайр аз саҳмияҳо
- 1.72.xxx Дисконтҳо ва подошҳои марбут ба сармоягузориҳои дарозмуддат
- 1.73.xxx Қарздории дебитории дарозмуддат
- 1.74.xxx Захираҳо барои қарзҳои шубҳанок - қарздории дебитории дарозмуддат
- 1.80.xxx Тиллои пулӣ ва ҲМҚ(СДР)

**Сатри 14 Хариди сармоягузориҳо**

Дар ин сатр ҳамаи пардохтхои маблагҳои пулӣ барои харидани сармоягузориҳо ба ширкатҳои ассосиатсияшуда ва дигар дороиҳои молиявӣ нишон дода мешавад, чуноне ки дар боло дар сатри 13 Дохилшавиҳо аз фурӯши сармоягузориҳо муайян карда шудааст.

**Сатри 15 Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ**

Ҷамъи умумии сатрҳои 11 - 14.

Ё ин ки сатри 15 = (сатри 12+сатри 13)-(сатри 11+сатри14)

**Сатри 16 Дохилшавиҳо аз қарздориҳо**

Ин сатр барои нишон додани ҷамъи умумии қарздориҳо аз ҳамаи сарчашмаҳо дар давоми давраи ҳисоботӣ таъинот дорад. 3 намуди қарздориҳо мавҷуд аст, ки дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ нишон дода шудаанд.

Сатри 14 Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ – қарздориҳои кӯтоҳмуддат – ҳамаи қарздориҳо ва кредитҳое, ки аз соли оянда пардохта мешаванд, нишон медиҳад. Сатри мазкур ҳисобҳои зеринро дарбар мегирад.:

- 2.12.200 Ӯҳдадориҳои кутоҳмуддати қарзӣ
- 2.12.21х Қогазҳои қиматнок, ба гайр аз саҳмияҳо
- 2.12.22х Қарзҳои бонкӣ ва вомҳо
- 2.12.23х Дигар қарзҳо ва вомҳо
- 2.12.25х Мусоидаҳои (қарзҳои) аз буҷети ҷумҳуриявӣ гирифташуда
- 2.12.3хх Дисконтҳои (тахфифҳои) марбут ба вомбаргҳо ва васиқаҳо
- 2.12.9хх Дигар ӯҳдадориҳои кутоҳмуддат

Сатри 15-и Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ – қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддати қарзӣ – дар ин сатр ҳамаи қарзҳои (вомҳои) кӯтоҳмуддат нишон дода мешавад.

Қарзҳои (вомҳои) кӯтоҳмуддат – ин қарзҳое, ки дар давоми соли оянда пардохта мешаванд. Сатри мазкур ҳисобҳои зеринро дарбар мегирад

2.12.24х Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддати қарзӣ

Сатри 20-и Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ – қарзҳои (вомҳои) дарозмуддат – дар ин сатр ҳамаи қарзҳои (вомҳои) дарозмуддат нишон дода мешавад. Қарзҳои (вомҳои) дарозмуддат – ин қарзҳое, ки танҳо баъди гузаштани 1 сол пардохта мешаванд. Сатри мазкур ҳисобҳои зеринро дарбар мегирад

- 2.21.1хх Қогазҳои қиматнок, ба гайр аз саҳмияҳо
- 2.21.2хх Қарзҳои бонкӣ ва вомҳо

- 2.21.3хх Дигар қарзҳо ва вомҳо
- 2.21.6хх Дисконтҳои (тахфифҳои) марбут ба вомбаргҳо ва васиқаҳо
- 2.21.7хх Подошҳои (изофанархҳои) марбут ба вомбаргҳо
- 2.22.1хх Қогазҳои қиматнок, ба гайр аз саҳмияҳо
- 2.22.2хх Қарзҳои бонкӣ ва вомҳо
- 2.22.3хх Дигар қарзҳо ва вомҳо
- 2.22.4хх Ӯҳдадориҳои марбут ба иҷораи молиявӣ
- 2.22.5хх Захираҳои техникии сугуртавӣ
- 2.22.6хх Тахфифҳои марбут ба вомбаргҳо ва васиқаҳои дарозмуддат
- 2.22.7хх Подошҳои (изофанархҳои) марбут ба вомбаргҳои дарозмуддат

**Сатри 17 Пардохти қарзҳо (кредитҳо) ва қарздориҳо (вомҳо)**

Ин сатр барои нишон додани маблаги умумии қарзҳои (вомҳои) дар давоми сол пардохташуда таъинот дорад, чуноне ки дар боло дар сатри 16 дохилшавиҳо аз қарздориҳо оварда шудааст.

**Сатри 18 Тақсимкунӣ / суди саҳмияҳо ба ҳукумат**

Дар ин сатр он воситаҳои пулии аз дигар ташкилотҳои давлатӣ гирифташуда ё ба онҳо пардохташуда оварда мешавад, аммо воситаҳои пулии бо пардохти молҳо ва хизматрасониҳо вобастабуда нишон дода намешавад. Пардохти молҳо ва хизматрасонӣ дар сатри ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ нишон дода шуда, дар муттаҳидсозии охирин мувозинат карда мешавад. Сатри мазкур ҳисобҳои зеринро дарбар мегирад

4.18.ххх Грантҳо

**Сатри 19 Ҷараёнҳои холиси пулӣ аз фаъолияти молиявӣ**

Ҷамъи умумии сатрҳои 16 -18 дарбар мегирад.

Ё ин ки сатри 19 = сатри 16 – сатри 17 – сатри 18

**Сатри 20 Зиёдшавии холис (соф) / камшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо**

Ҷамъи умумии сатрҳои 11, 16 ва 19 дарбар мегирад.

Ё ин ки сатри 20 = ±сатри 10 ±сатри 15 ±сатри 19

**Сатри 21 Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо ба аввали давра**

Ин рақам бояд ба сатри 1 ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар охири соли гузаштаи ҳисоботӣ мувофиқат кунад. Ин ҷамъи бақияи кассавӣ ва бонкӣ дар охири давраи гузаштаи ҳисоботӣ мебошад.

**Сатри 22 Фоида/зарари қурбҳои мубодилавӣ аз рӯи воситаҳои пулӣ ба аввали сол**

Ин ягона амалиёти ғайрипулӣ дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ мебошад, ки ба фоида ё зарари ба амал бароварданашуда аз рӯи воситаҳои пулӣ бо асъор дохил мешавад. Масалан, ташкилот бо доллати ИМА суратҳисоб дорад, ки дар санаи ҳисоботӣ ба сомонӣ табдил додан зарур аст (нигаред СҲМБДТ 4 банди 19 (а)). Агар 100 доллаи ИМА ба 5 сомонӣ барои як доллар харида шуда бошад, он гоҳ амалиёт ба 500 сомонӣ инъикос карда шудааст. Дар охири сол 100 доллар чун пештара дар суратҳисоб мавҷуд буд, аммо қурби мубодилавӣ ҳоло ҳозир ба 5,5 баробар аст, яъне дар охири сол ба андозаи 50 сомонӣ даромади ба амал бароварданашуда эътироф карда мешавад:

Дт – Воситаҳои пулӣ 50

Кт – Фоидаи ба амал бароварданашуда бо асъори хориҷӣ 50

Банди 22 талаб менамояд, ки ин дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ алоҳида нишон дода шавад ва ба фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ё молиявӣ дохил карда нашудааст. Аммо дар хотир дошта бошед, ки агар маблағ муҳим набошад онро алоҳида нишон додан зарур нест, онро дар воситаҳои пулии амалиётӣ гузоштан зарур аст. (нигаред СҲМБДТ 2 банди 31).

Масалан:

| | **Ҳисоби $** | **Қурби мубодилавӣ** | **Сомонӣ** | **Ҳисоб бо сомонӣ** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| Бақия ба аввали сол | 100 | 5 | 500 | 10,000 | 10,500 |
| Воситаҳои пулии гирифташуда | | | - | 200,000 | |
| Воситаҳои пулии пардохташуда | | | - | (195,000) | |
| Бақия ба охири сол | 100 | 5.5 | 550 | 15,000 | 15,550 |

Дар ин ҷо 50 сомонӣ фоида (550 – 500) ва тавозуни умумӣ дар охири сол ин фоидаро дарбар мегирад. Ин фоида ба андозаи 50 сомонӣ дар сатри 22 ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ бо рақами мусбӣ нишон дода мешавад.

**Сатри 23 Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо ба охири давра**

Ин рақам бояд ба сатри 1 ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар охири соли ҷории ҳисоботӣ мувофиқат кунад. Ин ҷамъи бақияи кассавӣ ва бонкӣ ба ҳолати санаи ҳисоботӣ мебошад.

**Шакли №4/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ**

Шакли №4/1 – «Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ» дар шакли озод аз тарафи ташкилотҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад. Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ маълумот дар бораи омилҳои асосие, ки ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои молиявӣ ё ки маълумоти мушаххас бо дархости мақомотҳои болоии идоракунӣ (СХМ) таъсири муҳим доранд, метавонад дарҷ карда шавад.

## 9. Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот

Методологияи тартиб додани ҳисоботи буҷетӣ

Ҳисобот оид ба дохилшавӣ ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ аз рӯи гурӯҳбандии буҷетӣ тартиб дода мешавад, ки аз сегментҳои (қисмҳои) зерин иборат аст:

1. Гурӯҳбандии даромадҳо
2. Гурӯҳбандии идоравӣ (маъмурӣ)
3. Гурӯҳбандии функсионалӣ (вазифавӣ)
4. Гурӯҳбандии иқтисодӣ
5. Гурӯҳбандии сарчашмаҳои маблағгузорӣ

Илова бар ин ҳангоми тартиб додани ҳисобот оид ба дохилшавиҳо ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ сегментҳои иловагии гурӯҳбандии буҷетиро (гурӯҳбандии барномавӣ ва ҳудудӣ) истифода бурдан мумкин аст, аммо ин сегментҳо ҳатмӣ намебошанд.

Маъмурони (администраторони) асосии даромадҳои буҷетӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ (мақомоти давлатӣ), мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идоравии (маъмурияти) маҳаллӣ, мақомоти идоракунии фондҳои махсуси давлатӣ ва дигар ташкилотҳое мебошанд, ки дорои маъмурони даромадҳои буҷетӣ мебошанд ва (ё ки ) маъмурони даромадҳои буҷет, ки дар тобеи худ маъмурони даромадҳои буҷет доранд, мебошанд.

Ҳисобот оид ба дохилшавиҳо ва истифодабариҳои маблағҳои буҷетӣ бояд қисми даромадҳо ва қисми хароҷотҳоро дошта бошад.

Маъмурони даромадҳо ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисобот оид ба дохилшавиҳо ва истифодабарии маблағҳои буҷетиро инфиродӣ аз рӯи ҳар як дархости буҷетӣ/нақшаи даромадҳо[1] ва аз рӯи ҳар як дархости буҷет/смета барои маблағгузорӣ тартиб медиҳанд. Дар асоси ҳисоботи дар боло гуфташуда маъмурони даромадҳо ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба дохилшавиҳо ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ тартиб медиҳанд.

Ҳисобот аз рӯи гурӯҳбандии даромадҳо, гурӯҳбандии функсионалӣ ва гурӯҳбандии иқтисодӣ тартиб дода мешавад. Ҳисобот аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар сатҳи ГМБ, ТМБ ё ТАМБ ва ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад. Ҳисобот аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар сатҳи ТМБ ё ТАМБ ва ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад, дар сатҳи ГМБ бошад аз рӯи ҳар як дархости буҷетӣ/смета барои маблағгузорӣ ва ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад.

Маъмурони даромадҳо ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисобот оид ба дохилшавиҳо ва истифодабарии маблағҳои буҷетиро ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ пешниҳод менамоянд. Тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ, ҳисоботи аз ташкилотҳои зеридоравии худ гирифташударо бо роҳи ҷамъкунии оддӣ ҷамъбаст намуда, ҳисоботи ҷамъбастшударо ба

[1] Аз рўи маблаѓњои буљетї дархостњои даромадњо аз рўи ташкилотњои буљетї тартиб дода намешавад. Аз рўи њамаи сарчашмањои бокимонда, бо назардошти маблаѓњои махсус, дархостњои даромадњои ташкилотњои буљетї тартиб дода мешавад

тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ пешниҳод менамояд. Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ, ҳисоботи аз ташкилотҳои зертобеъи худ гирифташударо бо роҳи ҷамъкунии оддӣ ҷамъбаст намуда, баъди мувофиқа намудан бо шуъбаи хазинадорӣ, ки хизматрасонии хазинавиро таъмин менамояд, ҳисоботи ҷамъбастшудаи буҷетиро ба шӯъбаи хазинадорӣ, ки ба тартиб додани ҳисобот масъул аст, пешниҳод менамояд.

Ҳисобот оид ба дохилшавиҳо ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба хазинадорӣ дар мӯҳлатҳои моҳона, семоҳа ва солона пешниҳод карда мешавад.

Шӯъбаи хазинадорӣ, ки барои тартиб додани ҳисобот масъул аст, бо роҳи ҷамъкунии оддӣ ҳисоботи аз тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ гирифташударо ҷамъбаст месозад.

Даврияти пешниҳод ва шаклҳои иловагии ҳисоботи ҷамъбастшударо барои маъмурони даромадҳо, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетии зертобеъ, маъмури асосии даромадҳо ва маъмури асосии мабағҳои буҷетӣ муайян менамоянд.

**Нусхаи ҳисобот:**

<table>
<tr><td colspan="6">Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот<br>Рамзи ГМБ: 129.01.001</td></tr>
<tr><td colspan="6">Номгӯи ГМБ: Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td colspan="6">Давраи ҳисоботӣ: Ҳисоботи солона</td></tr>
<tr><td colspan="6">Воҳиди ченак: Сомонӣ</td></tr>
<tr><td colspan="6"></td></tr>
<tr><td colspan="6"><u>ДАРОМАДҲО</u></td></tr>
<tr><td colspan="3">Номгӯи гурӯҳбандии буҷетӣ:</td><td colspan="3">Гурӯҳбандии даромадҳо</td></tr>
<tr><td colspan="3">Рамзи дархости даромадҳо/нақшаи даромадҳо:</td><td colspan="3">60201</td></tr>
<tr><td colspan="3">Номгӯи дархости даромадҳо/нақшаи даромадҳо:</td><td colspan="3">Даромадҳо аз расонидани хизматҳо аз тарафи ташкилоти буҷетӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Рамзи сарчашмаи маблағгузорӣ/дохилшавӣ:</td><td colspan="3">112</td></tr>
<tr><td colspan="3">Номгӯи сарчашмаи маблағгузорӣ/дохилшавӣ:</td><td colspan="3">Маблағҳои махсус</td></tr>
<tr><td>Рамзи ГБ</td><td>Номгӯи ГБ</td><td>Нақшаи тасдиқшуда</td><td>Нақшаи аниқкарда шуда</td><td>Даромадҳои кассавӣ</td><td>Даромадҳои воқеӣ</td></tr>
<tr><td>1</td><td>2</td><td>3</td><td>4</td><td>5</td><td>6</td></tr>
<tr><td></td><td>Бақия ба аввал</td><td></td><td></td><td>0000000</td><td></td></tr>
<tr><td>1.</td><td>Даромадҳо</td><td>2,00</td><td>2,50</td><td>2,27</td><td>1,93</td></tr>
<tr><td>1.02.</td><td>Дохилшавиҳои ғайриандозӣ</td><td>2,00</td><td>2,50</td><td>2,27</td><td>1,93</td></tr>
<tr><td>1.02.04.</td><td>Дигар дохилшавиҳои ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ</td><td>2,00</td><td>2,50</td><td>2,27</td><td>1,93</td></tr>
<tr><td>1.01.04.03.</td><td>Хизматрасониҳои гумрукӣ</td><td>1,00</td><td>1,00</td><td>0,97</td><td>0,97</td></tr>
<tr><td>1.01.01.04.</td><td>Пардохт барои</td><td>1,00</td><td>1,50</td><td>1,30</td><td>1,00</td></tr>
</table>

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | бланкаи шиносномаҳо | | | | |
| | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ |

| | |
|---|---|
| **<u>ХАРОҶОТҲО</u>** | |
| Номгӯи гурӯҳбандии буҷетӣ: | **Гурӯҳбандии иқтисодӣ** |
| Рамзи дархости буҷетӣ/сметаҳо барои маблағгузорӣ: | 60330 |
| Номгӯи дархости буҷетӣ/смета барои маблағгузорӣ: | Хароҷотҳо барои нигоҳдорӣ |
| Рамзи гурӯҳбандии функсионалӣ: | 01102 |
| Номгӯи гурӯҳбандии функсионалӣ: | Сиёсати молиявӣ ва андозӣ- буҷетӣ |
| Рамзи сарчашмаи маблағгузорӣ: | 111 |
| Номгӯи сарчашмаи маблағгузорӣ: | Буҷети ҷумҳуриявӣ |

| **Рамзи ГБ** | **Номгӯи ГБ** | **Нақшаи тасдиқшуда** | **Нақшаи аниқкарда шуда** | **Хароҷотҳо и кассавӣ** | **Хароҷотҳо и воқеӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 2 | Хароҷотҳо | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 21 | Пардохти музди меҳнати кормандон ва ҳиссаҷудокуниҳои андозӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 211 | Пардохти музди меҳнати кормандон | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |
| 2111 | Музди меҳнат | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |
| 21111 | Музди меҳнат бо ифодаи пулӣ | 3,00 | 3,00 | 2,80 | 2,30 |
| 21113 | Мукофотпулиҳо | 2,00 | 1,80 | 1,20 | 1,20 |
| 22 | Хароҷотҳо барои молҳо ва хизматрасониҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 221 | Харидорӣ намудани молҳо ва хизматрасониҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 2211 | Захираҳои молию моддӣ | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 22112 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентарҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ |
| | Бақия ба охир | | | | |

| | |
|---|---|
| Рамзи дархости буҷетӣ/сметаҳо барои маблағгузорӣ: | 60330 |
| Номгӯи дархости буҷетӣ/смета барои маблағгузорӣ: | Хароҷотҳо барои нигоҳдорӣ |
| Рамзи гурӯҳбандии функсионалӣ: | 01102 |
| Номгӯи гурӯҳбандии функсионалӣ: | Сиёсати молиявӣ ва андозӣ- буҷетӣ |
| Рамзи сарчашмаи маблағгузорӣ: | 112 |

| Номгӯи сарчашмаи маблаггузорӣ: | | | Маблагҳои махсуси БҶ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| **Рамзи ГБ** | **Номгӯи ГБ** | **Нақшаи тасдиқшуда** | **Нақшаи аниқкард ашуда** | **Хароҷотҳ ои кассавӣ** | **Хароҷотҳои воқеӣ** |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 2 | Хароҷотҳо | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 21 | Пардохти музди меҳнати кормандон ва ҳиссаҷудокуниҳои андозӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 211 | Пардохти музди меҳнати кормандон | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |
| 2111 | Музди меҳнат | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |
| 21111 | Музди меҳнат бо ифодаи пулӣ | 3,00 | 3,00 | 2,80 | 2,30 |
| 21113 | Мукофотпулиҳо | 2,00 | 1,80 | 1,20 | 1,20 |
| 22 | Хароҷотҳо барои молҳо ва хизматрасониҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 221 | Харидорӣ намудани молҳо ва хизматрасониҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 2211 | Захираҳои молию моддӣ | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 22112 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентарҳо | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ | ҲАМАГӢ |
| | Бақия ба охир | | | | |

<u>Тавсифи қисми «ДАРОМАДҲО»</u>

Ҳангоми мавҷудияти якчанд дархостҳои буҷетӣ/нақшаҳои даромадҳо, аз рӯи ҳар яки онҳо миқдори зарурии ҷадвалҳоро ба шакли дар боло овардашуда илова кардан зарур аст.

<u>Мантиқи пур кардани сутунҳои шакли дар боло овардашуда</u>

*Сутуни якум ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандиро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, масалан:*

*1.*

*1.01.*

*1.01.01.*

*1.01.01.01.*

*1.01.01.02.*

*Сутуни дуюм ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандиро дар намуди матнӣ дарбар мегирад, масалан:*

*Даромадҳо*

*Дохилшавиҳои андозӣ*

*Андоз аз даромадҳо ва аз фоида*

*Андоз аз даромад*

*Андоз аз фоида*

*Сутуни сеюм нишондиҳандаҳои нақшавиро дар намуди матнӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-3 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*1. Ҳамаи сатҳҳои қисми 1.* ҷамъ карда мешаванд*

*1.01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 1.01.* ҷамъ карда мешаванд*

*1.01.01. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 1.01.01.* ҷамъ карда мешаванд*

*1.01.01.01. Маълумоти воқеӣ.*

*1.01.01.02. Маълумоти воқеӣ.*

*Сутуни чорум нишондиҳандаҳои нақшавии аниқкардашудаpo дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, ки дар давраи ҳисоботӣ пайдо шудаанд. Аз рӯи сатҳҳои 1-3 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои тобеъбуда ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*1. Ҳамаи сатҳҳои қисми 1.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 1.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 1.01.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01.01. Маълумоти воқеӣ.*
*1.01.01.02. Маълумоти воқеӣ.*

*Сутуни панҷум даромадҳои хазинавии дар давраи ҳисоботӣ ҷойдошта ва аз тарафи СХМ ВМ ҶТ тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-3 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*1. Ҳамаи сатҳҳои қисми 1.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 1.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 1.01.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01.01. Маълумоти воқеӣ.*
*1.01.01.02. Маълумоти воқеӣ.*

*Сутуни шашум даромадҳои воқеии давраи ҳисоботӣ ва аз тарафи гирандаи маблағҳои буҷетӣ тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-3 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*1. Ҳамаи сатҳҳои қисми 1.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 1.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 1.01.01.* ҷамъ карда мешаванд*
*1.01.01.01. Маълумоти воқеӣ.*
*1.01.01.02. Маълумоти воқеӣ.*

<u>Тавсифи қисми «ХАРОҶОТҲО»</u>

Ҳангоми мавҷудияти якчанд дархостҳои буҷетӣ, аз рӯи ҳар яки онҳо миқдори зарурии ҷадвалҳоро ба шакли дар боло овардашуда илова кардан зарур аст.

<u>Мантиқи пур кардани сутунҳои шакли дар боло овардашуда</u>

*Сутуни якум ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандии иқтисодиро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, масалан:*

*2.*
*2.1.*
*2.1.1.*
*2.1.1.1.*
*2.1.1.1.1.*

*Сутуни дуюм ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандиро дар намуди матнӣ дарбар мегирад, масалан:*

*Хароҷотҳо*
*Пардохти музди меҳнати кормандон ва ҳиссаҷудокуниҳои андозӣ*
*Пардохти музди меҳнати кормандон*
*Музди меҳнат*
*Музди меҳнат бо ифодаи пулӣ*

*Сутуни сеюм нишондиҳандаҳои нақшавиро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-4 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*2. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 2.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1.1.1.1. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни чорум нишондиҳандаҳои нақшавии аниқкардашударо дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, ки дар давраи ҳисоботӣ пайдо шудаанд. Аз рӯи сатҳҳои 1-4 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*2. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 2.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*2.1.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1.1.1. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни панҷум хароҷотҳои хазинавии дар давраи ҳисоботӣ ҷойдошта ва аз тарафи сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СХМ ВМ ҶТ) тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-4 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*2. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 2.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1.1.1. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни шашум хароҷотҳои воқеии давраи ҳисоботӣ ва аз тарафи гирандаи маблағҳои буҷетӣ тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-4 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*2. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 2.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 2.1.1.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*2.1.1.1.1. Маълумоти воқеӣ*

**Ҳисобот дар доираи гурӯҳбандии функсионалӣ**

Маъмури асосии маблагҳои буҷетӣ тибқи ҳисоботи буҷетии тақсимкунандагони маблагҳои буҷетӣ ва гирандагони маблагҳои буҷетии зертобеъи худ, ҳисоботи ҷамъбастиро дар доираи гурӯҳбандии функсионалӣ ва ҳисоботҳои ҷамъбастиро дар доираи гурӯҳбандӣ аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ бояд тартиб диҳад. Ҳисоботи ҷамъбастшудаи мазкур дар доираи гурӯҳбандии функсионалӣ баъди мувофиқа бо шӯъбаи хазинадорӣ, ки хизматрасонии хазинавиро таъмин менамояд, ба шӯъбаи масъули тартиб додани ҳисоботҳои молиявӣ пешниҳод мегардад.

Шакли ҳисоботи ҷамъбастшуда, дар доираи гурӯҳбандии функсионалӣ аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ:

| Номгӯи гурӯҳбандии буҷетӣ: | | **Гурӯҳбандии функсионалӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Рамзи сарчашмаи маблаггузорӣ: | | | | | |
| Номгӯи сарчашмаи маблаггузорӣ: | | | | | |
| **Рамзи ГБ** | **Номгӯи ГБ** | **Нақшаи тасдиқшуда** | **Нақшаи аниқкарда шуда** | **Хароҷотҳои кассавӣ** | **Хароҷотҳои воқеӣ** |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 01. | Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 01.1. | Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ ва сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 01.1.01. | Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 01.1.02. | Сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |

<u>Нусхаи ҳисоботи ҷамъбастӣ, аз нуқтаи назари гурӯҳбандии функсионалӣ:</u>

| Номгӯи гурӯҳбандии буҷетӣ: | **Гурӯҳбандии функсионалӣ** |
|---|---|

| Рамзи ГБ | Номгӯи ГБ | Нақшаи тасдиқшуда | Нақшаи аниқкарда шуда | Хароҷотҳои кассавӣ | Хароҷотҳои воқеӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 01. | Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 01.1. | Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ ва сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ | 15,00 | 15,30 | 13,50 | 12,50 |
| 01.1.01. | Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ | 10,00 | 10,50 | 9,50 | 9,00 |
| 01.1.02. | Сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ | 5,00 | 4,80 | 4,00 | 3,50 |

Мантиқи пур кардани сутунҳои шакли дар боло овардашуда

*Сутуни якум ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандии функсионалиро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, масалан:*

*01.*
*01.1.*
*01.1.01.*
*01.1.02.*

*Сутуни дуюм ҳамаи сатҳҳои гурӯҳбандии функсионалиро дар намуди матнӣ дарбар мегирад, масалан:*

*Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ*
*Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ*
*Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ ва сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ*
*Мақомотҳои иҷроия ва қонунгузорӣ*
*Сиёсати молиявӣ ва андозӣ-буҷетӣ*

*Сутуни сеюм нишондиҳандаҳои нақшавиро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-2 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 01* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 01.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни чорум нишондиҳандаҳои нақшавии аниқкардашударо дар намуди рақамӣ дарбар мегирад, ки дар давраи ҳисоботӣ пайдо шудаанд. Аз рӯи сатҳҳои 1-2 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 01* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 01.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни панҷум хароҷотҳои хазинавии дар давраи ҳисоботӣ ҷойдошта ва аз тарафи СХМ ВМ ҶТ тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-2 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 01* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 01.1.* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*
*01.1.01. Маълумоти воқеӣ*

*Сутуни шашум хароҷотҳои воқеии давраи ҳисоботӣ ва аз тарафи гирандаи маблағҳои буҷетӣ тасдиқгардидаро дар намуди рақамӣ дарбар мегирад. Аз рӯи сатҳҳои 1-2 гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва моддаҳои зертобеъ ҷамъ карда мешавад, масалан:*

*01. Ҳамаи сатҳҳои гурӯҳи 01* ҷамъ карда мешаванд*
*01.1. Ҳамаи сатҳҳои зергурӯҳи 01.1.* ҷамъ карда мешаванд*

*01.1.01.   Маълумоти воқеӣ*
*01.1.01.  Маълумоти воқеӣ*

Замимаи 2
бо фармоиши Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 апрели соли 2015, № 204
тасдиқ шудааст

# *Дастурамал*

***оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ***

## 11. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дастурамали мазкур дар доираи талаботҳои моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» таҳия гардида, ба стандарти ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон № 6 «Ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) ва алоҳида» ва Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ асос ёфтааст.

1.2. Дар Дастурамали мазкур ҳаҷм, шаклҳо, даврият, мӯҳлат ва тартиби таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии маҷмуии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ,тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ, ки аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, муқаррар карда мешавад.

1.3. Субъектҳои ҳисоботи молиявии маҷмуишуда гирандагони маблағҳои буҷетӣ, тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, мақомотҳои ташкилкунандаи иҷроиши буҷет (мақомоти молия), мақомоти хазинадории хизматрасонии хазинавии иҷроиши буҷетро ба амал бароранда мебошанд.

1.4. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаро дар ҳаҷм ва аз рӯи шаклҳои дар дастурамали мазкур муқарраршуда, тартиб медиҳанд.

1.5. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявии маҷмуишударо дар асоси ҳисоботи молиявии пешниҳодшудаи гирандагони (тақсимкунандагони) зертобеъи маблағҳои буҷетӣ тартиб медиҳанд.

1.6. Гирандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявиро ба тақсимкунандагон (тақсимкунандагони асосии) маблағҳои буҷетӣ тибқи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ пешниҳод менамоянд.

1.7. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ оид ба иҷроиши буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳисоботи молиявии маҷмуӣ ба Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи онҳо пешниҳод менамоянд.

1.8. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуӣ талаботҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

- пуррагӣ ва саҳеҳии инъикоси ҳамаи амалиётҳо дар давраи ҳисоботӣ. Ҳамаи

дороиҳо, ӯҳдадориҳо, хароҷотҳои давраҳои оянда, даромадҳои давраҳоиояндаи гурӯҳи маҷмуишуда (консолидатсияшуда) дар ҳаҷми пурра ба ҳисоб гирифта шаванд;

- дурустии мансубияти даромадҳо ва хароҷотҳо ба давраҳои ҳисоботӣ;

- якхелагии маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ бо гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии синтетикӣ барои санаи якуми моҳе, ки баъди давраи ҳисоботӣ фаро мерасад;

- сари вақт пур кардани нишондиҳандаҳо ва роҳ нагодан ба ислоҳкуниҳо. Дар ҳолати ислоҳ кардани хатогиҳо навиштаҷоти дахлдор бо нишон додани санаи ислоҳкунӣ тартиб дода шуда, аз тарафи шахсони ба ҳисоботи молиявӣ имзогузошта тасдиқ карда мешавад.

1.9. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳисоботи молиявии маҷмуишударо (бо сомонӣ) ба Сарраёсати хазинадории марказӣ ва воҳидҳои дахлдори сохтории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

1.10. Ҳисоботи молиявии маҷмуии солона ба ҳолати 1 январи соле, ки баъди соли ҳисоботӣ фаро мерасад тартиб дода мешавад. Ҳисоботи молиявии маҷмуии солона барои давраи тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр тартиб дода мешавад.

1.11. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлатҳои пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии маҷмуии солона оид ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар гирандагони маблағҳои буҷети ҷумҳуриявиро тибқи рӯйхати буҷетӣ муқаррар менамояд.

1.12. Ба таркиби ҳисоботи молиявии маҷмуӣ шаклҳои зерин дохил карда мешаванд:

*Шакли № 1 – Ҳисоботи маҷмуӣ оид ба ҳолати молиявӣ*

*Шакли № 2 – Ҳисоботи маҷмуӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ*

*Шакли № 3 – Ҳисоботи маҷмуӣ оид ба тағйирёбиҳои дороиҳои соф/сармоя*

*Шакли № 4 – Ҳисоботи маҷмуӣ оид ба гардиши воситаҳои пулӣ*

1.13. Шаклҳои ҳисоботи молиявии маҷмуӣ айнан мутобиқи нишондиҳандаҳои дар онҳо муқарраркардашуда пур карда мешаванд. Тағйир додани нишондиҳандаҳо ва рамзҳои онҳо дар шаклҳои тасдиқшудаи ҳисоботи молиявӣ ё ки ворид намудани нишондиҳандаҳои иловагӣ ба онҳо роҳ дода намешавад.

1.14. Ҳисоботи молиявии маҷмуии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ дар ҳомилҳои қоғазӣ дар намуди ҷузъбандӣ кардашуда, бо саҳифаҳои рақамгузоришуда ва бо мундариҷа ва дар намуди электронӣ дар ҳаҷми пурраи шаклҳо пешниҳод карда мешавад.

1.15. Сарраёсати хазинадории марказӣ дар асоси ҳисоботи молиявии маҷмуии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳисоботи молиявии маҷмуиро доир ба буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин дар асоси ҳисоботи молиявии маҷмуии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети маҳаллӣ – ҳисоботи молиявии маҷмуиро доир ба буҷети маҳаллӣ тартиб медиҳад.

1.16. Дар ҳисоботи молиявии маҷмуӣ ҳуқуқи имзои аввалро роҳбари ин мақомот ё шахси онро ивазкунанда ва ҳуқуқи имзои дуюмро – сармуҳосиб ё шахси роҳбарикунандаи сохторе, ки маҷмуикунонии ҳисоботи молиявиро таъмин менамояд, дорад. Дар ҳамаи шаклҳои ҳисоботи молиявии маҷмуии пешниҳод кардашаванда дар қатори имзои роҳбар ва сармуҳосиб ҳатман шарҳи имзоҳо (ному насаб) дарҷ карда мешавад.

1.17. Ҳангоми азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ (якҷояшавӣ), ҳамроҳшавӣ, тақсим шудан, ҷудошавӣ) вазоратҳо ва дигар мақомоти иҷроия, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ӯҳдадориҳо ҳангоми якҷояшавӣ ва ҳамроҳшавӣ – мутобиқи санади супоридан, ҳангоми тақсим шудан ва ҷудошавӣ бошад – мутобиқи тавозуни тақсимкунӣ ба ворили ҳуқуқӣ мегузарад. Тавозуни тақсимкунӣ дар як нусхагӣ ба ҳар як ташкилоти давлатии ҷудошаванда тартиб дода мешавад. Ҳангоми барҳамдиҳӣ тавозуни барҳамдиҳӣ аз рӯи шакли «Ҳисоботи маҷмуӣ оид ба ҳолати молиявӣ» тартиб дода мешавад. Ҳисоботи молиявӣ то пурра ба итмом расидани расмиёти барҳамдиҳӣ пешниҳод карда мешавад.

1.18. Ҳангоми азнавташкилдиҳии (тақсим шудан, ҷудошавӣ, ҳамроҳшавӣ ва якҷояшавӣ) ташкилоти давлатӣ тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетии тобеияти пешина/нав ҳисоботи молиявии маҷмуиро дар ҳаҷми пурраи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ барои давраи аз аввали сол то санаи ҳисоботии, пас аз санаи азнавташкилдиҳӣ, бо дарназардошти бақияи азнавҳисобкардашуда ба аввали сол, тартиб медиҳад. Маблағҷудокуниҳои буҷетӣ, меъёрҳои (лимитҳои) ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ҳаҷми молиягузории хароҷотҳо, хароҷотҳои хазинавӣ ва воқеии ташкилотҳои додашуда аз рӯи тобеияти нав пурра дар санаи азнавташкилдиҳии ташкилот инъикос карда мешаванд.

1.19. Бақияи азнавҳисобкардашуда ба аввали сол дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявии тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ бо дарназардошти бақия ба аввали соли ҳисобот оид ба ҳолати молиявии ташкилоти давлатии азнавташкилшаванда муайян карда мешавад. Ҳангоми якҷояшавӣ, ҳамроҳшавии ташкилоти давлатӣ ва тақсими вазифаҳо ва ваколатҳои алоҳида дар санаи супоридани Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ аз тобеияти пешина ба нав санади

супоридан, аз ҷумла шарҳи дороиҳо, қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ тартиб дода мешавад, Ба ҳаҷми шаклҳои давраи ҳисоботӣ ҳисобот оид ба ҳолати молиявии тақсимкунӣ ё барҳамдиҳӣ ба санаи супоридан дохил карда мешавад ва ба мақомоти дахлдори ваколатдор доир ба иҷроиши буҷет бо ҳисоботи алоҳида аз рӯи ҳар як вазорат ё дигар мақомоти иҷроия пешниҳод карда мешавад. Тавозуни тақсимкунӣ бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби тарафи қабулкунанда ва супоранда бо шарҳи ҳатмии имзоҳо (ному насаб) тасдиқ карда мешавад.

1.20. Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар асоси сиёсати ягонаи баҳисобгирӣ тартиб дода мешавад.

1.21. Тибқи талаботҳои принсипи муқоисашаванда будани ҳисоботи молиявии маҷмуии давраи ҷорӣ дар муқоиса бо маълумоти шабеҳи давраи ҳисоботии пешина пешниҳод карда мешавад.

## 12. Мафҳумҳои асосии дар дастурамали мазкур истифодашаванда

2.1. Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ – ҳисоботи молиявии воҳиди иқтисодие, ки ҳамчун ҳисоботи субъекти ягона пешниҳод шудаанд.

2.2. Воҳиди иқтисодӣ – ин гурӯҳи ташкилотҳое, ки дорои ташкилоти назоратӣ ва як ё якчанд ташкилотҳои назоратшаванда мебошанд.

2.3. Ташкилоти назоратшаванда – ташкилот ва ташкилотҳои ғайрикорпоративӣ, ба монанди ташкилоти шарикӣ, ки дар таҳти назорати ташкилоти дигар қарор дорад (ташкилоти назоратшаванда ном дорад).

2.4. Ташкилоти назораткунанда – ташкилоте, ки як ё якчанд ташкилотҳои назоратшаванда дорад.

2.5. Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ) – мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки маблағҳои буҷети давлатиро ихтиёрдорӣ карда, онҳоро дар байни сохторҳои тобеи худ тақсим мекунад. Тақсимкунандаи асосӣ ҳамчунин ташкилоти муҳими буҷетии соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ шуда метавонад.

2.6. Тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ (ТМБ) – мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё ташкилоти буҷетӣ, ки маблағҳои буҷетиро аз тақсимкунандаи асосӣ мегирад ва ҳуқуқи тақсим ва назорати истифодаи маблағҳои буҷетиро ба ташкилотҳои тобеи худ, ки маблағҳои буҷетиро мегиранд, дорад.

2.7. Гирандаи маблағҳои буҷетӣ (ГМБ) - ташкилоти буҷетӣ, ки дар тобеияти тақсимкунандаи асосӣ ва тақсимкунандаи воситаҳои буҷетӣ қарор гирифта, ҳуқуқи аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузорӣ шуданро дорад.

2.8. Хазинадорӣ – фаъолияти молиявии давлатӣ, ки ҳамоҳангсозии идоракунии захираҳои иқтисодии умумидавлатӣ, ташкили назорат аз болои даромадҳо ва хароҷотҳо, ҷамъ намудан ва истифодабарии маблагҳо, идоракунии иҷроиши буҷети давлатӣ ва қарзҳои давлатӣ, барориши қогазҳои қиматноки давлатиро ба амал мебарорад.

2.9. Хориҷ кардан,(ихтисор кардан) – дар раванди таҳлил ва ҳисобукитоб аз баррасӣ хориҷ кардани (баровардани) нишондиҳандаҳоеро мефаҳмонад, ки бараъло бо раванди омӯзиш, таҳлил ё ки назорат вобаста намебошанд.

2.10. Варақаи бақиявӣ – яке аз ҳуҷҷатҳои асосии муҳосибӣ, ки дорои бақия дар аввал ва охири давраи мазкур барои ҳар як ҳисоб ё ҳисоби иловагӣ мебошад.

2.11. Амалиётҳои дохилиидоравӣ (АДИ) – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом додашаванда, ки ташкилотҳои тобеи (зеридоравии) як ва ҳамон мақомоти идоракунӣ (ТМБ, ТАМБ) ба ҳисоб меравaнд.

2.12. Амалиётҳои байниидоравӣ (АБИ) – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом додашаванда, ки ташкилотҳои тобеи мақомотҳои идоракунии гуногун (ТМБ, ТАМБ) ба ҳисоб меравaнд.

2.13. Амалиётҳои байнибуҷетӣ (АББ) – амалиётҳои байни ду ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) анҷом додашаванда, ки ташкилотҳои тобеи мақомотҳои идоракунии гуногун (ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ) ба ҳисоб меравaнд ва аз буҷетҳои гуногун маблаггузорӣ карда мешаванд (маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ – ГМБ, ТМБ, ТАМБ).

## 13. Давраҳои маҷмуӣ кардани ҳисоботи молиявӣ

3.1. Тартиб додани ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда асосан се давраро дарбар мегирад: *Давраи 1 – маҷмуӣ кардан дар сатҳи ТМБ: Давраи 2 – маҷмуӣ кардан дар сатҳи ТАМБ; Давраи 3 – маҷмуӣ кардан дар сатҳи хазинадорӣ.*

| | |
|---|---|
| ***Давраи 3*** |  |

| |
|---|
| *Давраи 2*<br><br>*Даврои 1* |

3.2. Маҷмуикунонии ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби тақсимкунандагон ва тақсимкунандагони асосии маблағҳо мутаносибан аз рӯи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ амалӣ карда мешавад.

3.3. Гирандагони маблағҳои буҷетӣ ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявиро аз рӯи шакли тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон месупоранд, инчунин барои мақсадҳои тартиб додани ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва маҷмуишуда Варақаи бақиявӣ (аз рӯи шакли 1/8 Замимаи 8 ба Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ) ва Рӯйхати амалиётҳои дохилии ташкилоти буҷетиро (аз рӯи шакли 1/2 Замимаи 3 ба Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ) пешниҳод менамоянд.

3.4. Ҷадвали «Рӯйхати амалиётҳои дохилии ташкилоти буҷетӣ» амалиётҳои дохилиидоравӣ, байниидоравӣ ва байнибуҷетиро дарбар мегирад, ки ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуишуда хориҷ (элиминатсия) карда мешаванд.

3.5. Тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ҳангоми аз ҷониби гирандагони маблағҳои буҷетӣ пешниҳод намудани Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ, нишондиҳандаҳои дар Ҷадвал овардашударо санҷида ва муқоиса менамоянд ва дар сутуни "Қайд оид ба санҷиш" дарҷ менамоянд.

3.6. Тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ пеш аз ҳама дар асоси маълумоти Варақаи бақиявӣ ҳисоботи молиявии ҷамъбастиро тартиб дода, сипас бо истифода аз маълумоти Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ Ҳисоботи молиявии маҷмуишударо тартиб медиҳанд.

3.7. Тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуишуда бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

а) сатр ба сатр ҷамъ намудани моддаҳои шабеҳи ҳисоботи молиявии ташкилотҳои зертобеъ (тартиб додани ҳисоботи ҷамъбастӣ);

б) интисох (хориҷ) кардани амалиётҳои дохилиидоравӣ, байниидоравӣ ва байнибуҷетӣ;

в) гузаронидани маълумоти маҷмуишудаи давраи гузаштаи ҳисоботӣ.

3.8. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба хазинадорӣ ҳисоботи молиявӣ, Варақаи бақиявӣ ва Рӯйхати амалиётҳои дохилиро аз рӯи муносибатҳои байнибуҷетӣ пешниҳод менамоянд. Дар асоси ин, Хазинадории марказӣ Ҳисоботи молиявии маҷмуишударо аз рӯи буҷети давлатӣ тартиб медиҳад.

## 14. Хориҷ кардани (ихтисор кардан) амалиётҳои дохилӣ

4.1. Мутобиқи талаботҳои СҲМБДТ 6 "Ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) ва алоҳида", ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуишудаи бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зерин бояд пурра хориҷ карда (бароварда) шаванд:

- бақия аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо ва амалиётҳои байни ташкилотҳои бахши давлатӣ;
- даромадҳо ва хароҷотҳо дар дохили бахши давлатӣ;
- фоида ва зарарҳо аз рӯи амалиётҳои байни ташкилотҳои бахши давлатӣ, ки дар таркиби дороиҳо эътироф карда шудаанд (захираҳо, воситаҳои асосӣ ва г.ҳ.).

4.2. Барои мақсадҳои хориҷ кардани амалиётҳои дохилӣ ташкилотҳои буҷетӣ (ГМБ, ТМБ, ТАМБ) ҷадвали «Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ»-ро ба ҳар як санаи ҳисоботӣ пур карда, пешниҳод менамоянд. Дар ин ҷадвал маълумоти муфассал оид ба амалиётҳои дохилиидоравӣ, байниидоравӣ ва байнибуҷетӣ нишон дода мешавад. Ташкилотҳои буҷетӣ ин шаклро пур мекунанд ва аз рӯи ҳамаи се намуди амалиётҳои дохилӣ (АДИ, АБИ, АББ) пешниҳод менамоянд.

4.3. Дар ҷадвали "Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ" қарздории дебиторӣ ва кредитории дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ, натиҷаҳои амалиётҳои байни ташкилотҳои буҷетии як идора ва байни дигар идораҳо ҷойдошта, инъикос карда мешавад.

4.4. Ҳангоми омода намудани "Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ" бояд муқоисаи ҳисоббаробаркуниҳои ташкилотҳои гурӯҳ гузаронида шавад. Дар ҷараёни муқоиса аксар вақт молҳои дар роҳбудаи сари вақт аз сабаби набудани ҳуҷҷатҳои аввалия даромад карда нашуда, хатогиҳо дар ҳисобкунии фоизҳо ба қарзҳои дохилӣ муайян

карда мешавад. Агар муқоисаи бақия аз рӯи ҳисобҳо ва гардишҳо бо ташкилотҳои гурӯҳ сифатнок гузаронида шуда бошанд, он гоҳ ҳангоми хориҷ кардан дар ҳисобҳои боқимонда бақияҳои дуруст (саҳеҳ) пайдо мешаванд.

4.5. ***Хориҷ кардани амалиётҳо оид ба хизматрасониҳо дар дохили бахши давлатӣ.*** Аз ҳама амалиётҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравии хизматрасонии муқаррарӣ – ин расонидани хизматрасониҳои гуногун (масалан, хизматрасониҳо оид ба иҷораи биноҳо ва дигар объектҳо, хизматрасониҳо оид ба идоракунӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва ғ. ҳ.) аз тарафи ташкилотҳои як идора ва идораҳои дигар мебошад. Ин амалиётҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ аз рӯи сатрҳои даромадҳо ва хароҷотҳо бо маблағҳои якхела пурра хориҷ карда мешаванд. Агар ба санаи тартиб додани ҳисобот аз рӯи чунин амалиётҳо қарздории пардохтанашуда мавҷуд бошад, онгоҳ онро аз таркиби қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ бо маблағҳои якхела хориҷ мекунанд.

4.6. ***Хориҷ кардани амалиётҳо оид ба фурӯши дороиҳо дар дохили бахши давлатӣ.*** Барои хориҷ кардан амалиётҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ амалиётҳо оид ба фурӯши дороиҳо байни ташкилотҳои бахши давлатӣ нисбатан душвор мебошанд. Дар натиҷаи чунин амалиётҳо фоидаи ба амал бароварданашуда ба миён меояд. Фоидаи (зарари) ба амал бароварданашуда – ин натиҷаи амалиёти дохилиидоравӣ ё байниидоравӣ (фоида ё зарар) мебошад, ки арзиши дороиҳои ташкилоти харидорро тағйир медиҳад ва дар санаи ҳисоботӣ ислоҳ (тасҳеҳ) карда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи маҷмуии бахши давлатӣ фоидаи ба амал бароварданашуда аз ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ, инчунин аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ хориҷ карда мешавад, агар он дар санаи ҳисобот чунин дороиҳоро дарбар гирад.

Амалиётҳои дохили бахши давлатӣ оид ба фурӯши дороиҳои ҷориро дар ду марҳила (давра) хориҷ мекунанд. Дар марҳилаи якум даромад аз фурӯш ва арзиши аслии дороиҳои фурӯхташударо аз ҳисоботи муаҷмуишуда оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ хориҷ мекунанд. Дар марҳилаи дуюм арзиши дороиҳои аз ташкилоти харидор гирифташударо ислоҳ мекунанд. Вай то баҳодиҳии баҳисобгирӣ, ки дороиҳо дар ташкилоти фурӯшанда ба ҳисоб гирифта мешуд, расонида мешавад, агар дар дохили бахши давлатӣ фурӯш намебуд.

4.7. ***Хориҷ кардани амалиётҳои нотамом (нопурра) дар дохили бахши давлатӣ.*** Лаҳзаи муҳим ҳангоми хориҷ кардани гардишҳо (амалиётҳо) дар дохили бахши давлатӣ, ки мушоҳида кардан зарур аст, – пуррагии амалиётҳо дар дохили бахши давлатӣ ба санаи ҳисоботӣ мебошад. Дар амалия ҳолатҳое мешаванд, ки яке аз

ташкилотҳои бахши давлатӣ ба дигараш воситаҳои пулиро ё ки ба ҳисоби пӯшонидани қарздорӣ мегузаронад, ё ки дар рӯзи охирини давраи ҳисоботӣ пешпардохт менамояд. Чунин пардохт метавонад то ташкилоти гиранда рафта нарасад. Дар натиҷа бақияи воситаҳои пулии ташкилоти фиристонанда кам мешавад ва нишондиҳандаи қарздорӣ дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ тағйир меёбад. Дар ташкилоти маблағ гиранда ягон хел дигаргунӣ намешавад. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи маҷмӯӣ чунин амалиётҳо бояд ба охир расонда шаванд.

4.8. ***Хориҷ кардани қарзҳо дар дохили бахши давлатӣ.*** Яке аз амалиётҳое, ки дар дохили ташкилотҳои бахши давлатӣ гузаронида мешавад, пешниҳод намудани қарзҳо шуда метавонад. Чун қоида, ин яке аз унсурҳои (элементҳои) асосии сиёсати молиявии бахши давлатӣ буда, воситаи танзими талабот ба воситаҳои пулӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ба ҳисоб меравад ва барои бартараф намудани тафовутҳои хазинавии эҳтимолӣ самаранок ёрӣ мерасонад. Истифодабарандагони ҳисоботи маҷмуишудаи бахши давлатӣ инро ҳамчун ягонагии комил эътироф менамоянд, бинобар ин ҷараёнҳои пулии «зиёдатӣ» дар фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ, инчунин қарздорӣ аз рӯи қарзҳо ва фоизҳои ҳисобкардашудаи онҳо истифодабарандагонро метавонад гумроҳ кунад.

4.9. ***Хориҷ кардани дивидендҳо дар дохили бахши давлатӣ***. Дивидендҳое, ки ташкилотҳои бахши давлатӣ ба якдигар пардохт мекунанд, дар ҷараёни тартиб додани ҳисоботи маҷмӯӣ хориҷ карда мешаванд. Вақте ки идора дар бахши давлатӣ дорои ҳиссаҳо (саҳмияҳо) мебошад, бахши давлатӣ сохтори мураккаб дошта метавонад,. Ҷараёни дивидендҳо дар ин ҳолат хусусияти гуногунсамт дошта метавонад, яъне дивидендҳо на танҳо аз ташкилотҳои поёнӣ ба нишонии болоӣ, балки ҳам баръакс гузаронида мешаванд. Ҳамаи дивидендҳо дар дохили ташкилоти бахши давлатӣ новобаста аз он ки кӣ онро пардохт менамояд, хориҷ карда мешаванд.

4.10. ***Фарқиятҳои муваққатӣ ҳангоми хориҷ кардани амалиётҳои дохилигурӯҳӣ***. Дар ҳисоботи маҷмӯӣ фарқиятҳои муваққатии ҳангоми хориҷ кардани амалиётҳо дар дохили бахши давлатӣ пайдошударо муайян кардан ва ҳисобкунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташударо санҷидан зарур аст. Ӯҳдадории андозии мавқуфгузошташударо дар ҳама гуна ҳолатҳо инъикос намудан зарур аст, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- ҳангоми эътирофи аввалаи гудвил (арзиши шартии муносибатҳои кории ташкилот – баҳодиҳии пулии дороиҳои ғайримоддии ташкилот: аломати фирмавӣ, обрӯю эътибор, мавҷудияти мизоҷони устувор ва г.);

- ҳангоми эътирофи аввалаи дороиҳо ё ӯҳдадориҳо дар амалиётҳое, ки қисми бахши давлатӣ ҳисобида намешаванд;
- агар амалиёт на ба фоидаи муҳосибӣ, на ба фоидаи андозбандишаванда таъсир нарасонад.

Дороии андозии мавқуфгузошташударо танҳо дар ҳамон ҳолате эътироф мекунанд, ки агар боварии қатъӣ мавҷуд бошад, ки вай бо манфиатҳои иқтисодии ба ташкилот дар давраҳои оянда воридшаванда ҷуброн карда мешавад.

Агар амалиётҳо дар дохили бахши давлатӣ ҳангоми маҷмӯӣ кардан бо маблағҳои якхела хориҷ карда шаванд ва фоидаи бахши давлатиро дар ин давра дарбар нагиранд, онгоҳ дороиҳо ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда ба миён намеоянд. Ба сифати мисоли чунин амалиётҳо хизматрасониҳои гуногуни байниҳамдигарии ташкилотҳои бахши давлатиро овардан мумкин аст. Зарурияти ҳисоб кардани андозҳои мавқуфгузошташуда, масалан, ҳангоми хориҷ кардани фурӯши воситаҳои асосӣ дар дохили як идора ё ки дар дохили бахши давлатӣ метавонад ба миён ояд. Дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи як ташкилот воситаи асосӣ бо арзиши харид инъикос карда мешавад ва аз рӯи он андози мавқуфгузошташуда ба вуҷуд намеояд (ба шарте, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ воситаи асосӣ якхела ба ҳисоб гирифта мешавад). Аммо дар ҳисоботи маҷмӯӣ арзиши тавозунии чунин воситаи асосӣ аз манбаи андозбандишаванда кам мешавад. Дар натиҷаи ин амалиёт дороии андозии мавқуфгузошташуда пайдо мешавад.

4.11. ***Хориҷ кардани захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳаноки дохилигурӯҳӣ***. Яке аз ташкилотҳои бахши давлатӣ дорои захираҳо аз рӯи қарзҳои шубҳанок шуда метавонад, ки ба қарздории дебиторӣ аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳои дохили гурӯҳ ҳисоб карда шудааст. Дар ин ҳолат дар сатҳи ҳисоботи молиявии алоҳидаи ташкилоти бахши давлатӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ захира дар ҳаҷми пурра эътироф карда мешавад, дар баҳисобгирии андозӣ захира эътироф карда намешавад, бинобар ин, фарқияти муваққатии тарҳшаванда ба миён меояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми хориҷ кардани ҳамин захира дар вақти тартиб додани ҳисоботи маҷмӯӣ дороии андозии мавқуфгузошташударо, ки дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи ташкилоти бахши давлатӣ инъикос ёфтааст, хориҷ кардан лозим аст.

4.12. ***Хориҷ кардани даромадҳо ва хароҷотҳо дар дохили бахши давлатӣ.*** Ҳангоми хориҷ кардани даромадҳо ва хароҷотҳо ба намуди фаъолияти ташкилотҳое, ки ба гурӯҳ дохил мешаванд, диққати махсус додан лозим аст. Дар кадом моддаҳои ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ даромадҳо ва хароҷотҳои ин

ташкилотҳо инъикос ёфтааст, ва ба кадом моддаҳо хориҷ кардани гардишҳои амалиётҳои дохили гурӯҳро мушоҳида кардан муҳим аст.

## 15. Методологияи тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуӣ

5.1. Ғирандагони маблағҳои буҷетӣ (ташкилотҳои буҷетӣ) дар охири сол ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявӣ, инчунин барои мақсадҳои тартиб додани ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва маҷмуӣ Варақаи бақиявиро аз рӯи бақияи ҳисобҳои Китоби асосӣ ва Рӯйхати амалиётҳои дохилиро (ҷадвали 1) пешниҳод менамоянд.

5.2. Варақаи бақиявӣ дорои маълумотҳо аз рӯи бақияи ҳисобҳо мебошад, ки дар асоси маълумотҳои Китоби асосии ташкилоти буҷетӣ тартиб дода мешавад. Дар асоси ин маълумотҳо ташкилоти буҷетӣ ҳисоботи молиявии худро тартиб додааст. Ин маълумотҳо барои тартиб додани ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ зарур мебошанд.

***Намуна***

**Варақаи бақиявӣ аз рӯи бақияи ҳисобҳои Китоби асосӣ барои______**

| Рақами ҳисоб | Номгӯи ҳисобҳо | Бақия ба ______________ | |
|---|---|---|---|
| | | Дт | Кт |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | |
| | | | |
| | Ҷамъ | | |

Чуноне ки аз шакли намуна маълум аст, Варақаи бақиявӣ аз 4 сутун иборат аст. Дар сутуни 1 рақами ҳисобҳое, ки ташкилоти буҷетӣ истифода мебарад, оварда мешавад. Дар сутуни дуюм номгӯи ҳисобҳо оварда мешавад. Дар сутунҳои 3 ва 4 бақияи ҳисобҳо мувофиқан аз рӯи дебет ва кредит оварда мешавад. Ҳангоми тартиб додани Варақаи бақиявӣ ботартибии рақамҳо ва номгӯи ҳисобҳо тибқи талаботҳои НЯҲ аз рӯи унсурҳои ҳисоботи молиявӣ, яъне ҳисобҳои дороӣ, ҳисобҳои ӯҳдадориҳо, дороиҳои соф/сармоя, ҳисобҳои даромадҳо ва хароҷотҳо қатъӣ риоя карда мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми ташаккули бақияҳо аз рӯи ҳисобҳо принсипи (шарти) бақияи кушода риоя карда мешавад.

5.3. Дар ҷадвали 1 "Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ"-и ташкилоти буҷетӣ қарздории дебиторӣ ва кредитории дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ, натиҷаҳои амалиётҳои байни ташкилотҳои буҷетии як идора ва байни дигар идораҳо ҷойдошта, инъикос карда мешавад. Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 амалиётҳоеро дарбар мегирад, ки

ТМБ ва ТАМБ барои хориҷ кардани амалиётҳо ҳангоми тартиб додани ҳисоботи маҷмӯӣ истифода мебаранд.

5.4. Ҷадвали 1 "Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ"-и ташкилоти буҷетиро роҳбар ва сармуҳосиби ташкилоти буҷетӣ имзо мегузоранд.

5.5. Ҷадвали 1 "Рӯйхати амалиётҳои буҷетӣ" аз 7 сутун иборат аст ва дар дохили ҷадвал дар сатрҳои алоҳида АДИ, АБИ ва АББ оварда мешаванд. Сутуни якум рақами амалиёт, дар сутунҳои 2 ва 3 аз рӯи дебет ва кредити ҳисобҳо аз дафтарҳои навиштаҷотҳои муҳосибии ташкилоти буҷетӣ гузарониш (проводка) оварда мешавад. Дар сутуни 4 мазмуни амалиёт, дар сутуни 5 Контрагенти амалиётҳои дохилӣ оварда мешавад. Сутуни "Контрагенти АД" ин номи ташкилоти буҷетии як идора ё ки ташкилоти буҷетии идораи дигар, ки амалиётҳои байни ҳамдигар доранд. Контрагенти амалиётҳои дохилӣ ташкилотҳои буҷетии дохилиидоравӣ, ташкилотҳои буҷетии тобеи дигар идораи ТМБ ё ТАМБ шуда метавонанд. Дар сутуни 6 маблаги умумии амалиётҳо оварда мешавад. ТМБ ва ТАМБ ҳангоми пешниҳод намудани ҷадвали 1 нишондиҳандаҳоро санҷида, муқоиса менамоянд ва дар сутуни 7 "Қайд оид ба муқоиса" қайд мегузоранд. Ҳангоми мувофиқ наомадан ё ки номувофиқати контрагенти амалиётҳои дохилӣ ва маблаги амалиётҳо ТМБ ва ТАМБ ҷадвалҳои пешниҳодшударо бармегардонанд ва баъди ворид намудани ислоҳҳот қабул менамоянд.

***Намуна***

**Ҷадвали 1. Рӯйхати амалиётҳои дохилии ТБ**

| № | Гузарониш (Проводка) | | Номгӯи амалиёт | Контрагенти АД | Маблағ | Қайд оид ба муқоиса |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дт | Кт | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | АДИ | | | | | |
| | | | | | | |
| | АБИ | | | | | |
| | | | | | | |
| | АББ | | | | | |
| | | | | | | |

5.6. Ҷадвали 1 «Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ» барои тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ дар сатҳи ТМБ ва ТАМБ ва ҳисоботи молиявии маҷмӯии тамоми бахши давлатӣ дар сатҳи хазинадорӣ зарур мебошад.

5.7. ТМБ аз рӯи маълумоти Варақаи бақиявии ташкилоти буҷетии зертобеъи худ (ГМБ) сараввал Варақаи бақиявии ҷамъбастӣ тартиб медиҳад. Ҷамъи маълумотҳо аз рӯи бақияи ҳисобҳо дар асоси шакли зерин (Ҷадвали 2) ба амал бароварда мешавад. Дар навбати худ ба ҷадвали 2 маълумоти бақияи ҳисобҳои худи ТМБ дохил карда мешавад. Ба Ҷадвали 2 бақияи ҳисобҳои ҳар як ташкилоти буҷетии зертобеъ дохил карда мешавад.

***<u>Намуна</u>***

**Ҷадвали 2. Варақаи бақиявии ҷамъбастии ТМБ**

| **Рақами ҳисоб** | **Номгӯи ҳисоб** | Ташкилоти буҷетии **1 (ТБ 1)** | | **......** | | **ТМБ** | | **Бақия ба ______** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **…** | **…** | **...** | **…** | **…** | **…** |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | Ҷамъ | | | | | | | | |

5.8. ТМБ дар асоси маълумоти бақияи ҳисобҳои Варақаи бақиявии ҳар як ГМБ сатр ба сатр моддаҳои шабеҳи ГМБ-ро ҷамъ менамояд (моддаҳои дороиҳо, ӯҳдадориҳо, дороиҳои соф/сармоя, даромадҳо ва хароҷотҳо, дохилшавиҳо ва хориҷшавии маблағҳои пулӣ, тағйирёбиҳои дороиҳои соф/сармоя, дохилшавӣ (зиёдшавӣ) ва хориҷшавии (пардохти) дороиҳо ва ӯҳдадориҳо). Дар сутуни охирини Ҷадвали 2 бақияи ҳисобҳо ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

5.9. Баъди тартиб додани Варақаи бақиявии ҷамъбастӣ (ҷадвали 2), ҳар як ТМБ ба тартиб додани ҷадвали маҷмӯӣ аз рӯи шакли ҷадвали 3 шурӯъ мекунад.

***<u>Намуна</u>***

**Ҷадвали 3. Ҷадвали маҷмуикунонии ТМБ**

| **Рақам и ҳисоб** | **Номгӯи ҳисоб** | **Бақия ба ______** | | Ташкилоти буҷетии **1** | | **.....** | | **ТМБ** | | **Бақия ба ______** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** | **Дт** | **Кт** |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **...** | **...** | **...** | **...** | **...** | **...** |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | Ҷамъ | | | | | | | | | | |

5.10. Дар сутуни бақияи аввалаи ҷадвали 3 (сутунҳои 3 ва 4) маълумоти сутуни охирини ҷадвали 2 Варақаи бақиявии ҷамъбастии ТМБ инъикос карда мешавад.

5.11. Дар дохили Ҷадвали 3 хориҷ кардани (элиминатсияи) амалиётҳои дохилиидоравӣ байни ташкилотҳои буҷетии зертобеъи ин тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ оварда мешаванд.

5.12. Нишондиҳандаҳо барои хориҷ кардани амалиётҳои дохилӣ аз маълумоти Ҷадвали 2 Рӯйхати амалиётҳои дохилӣ оварда мешавад. Маълумотҳо аз рӯи ҳисоби дахлдори НЯҲ ва мувофиқан аз рӯи ташкилоти буҷетии ТМБ, ки ба хориҷкунӣ тааллуқ доранд, ворид карда мешаванд.

